ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ
МАКТАБИ ОЛИИ РУШД
Бахши Мероси фарҳангӣ ва гуманитарӣ

Ширинбек Давлатмамадов
Мавлодод Фарҳодов
Хадича Ҷалолова

# Пандномаи мардумии БАДАХШОН



Донишгоҳи Осиёи Марказӣ
Бахши Мероси фарҳангӣ ва гуманитарӣ

**Ширинбек Давлатмамадов**
**Мавлодод Фарҳодов**
**Хадича Ҷалолова**

# Пандномаи мардумии БАДАХШОН

2024

**Давлатмамадов Ш., Фарҳодов М., Ҷалолова Х.**
Пандномаи мардумии Бадахшон. – Б. : Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, 2024. – 76 с.

Мураттибон:
***Давлатмамадов Ширинбек***, корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
***Фарҳодов Мавлодод***, собиқадори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон
***Ҷалолова Хадича***, собиқадори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқарризон:
***Охониёзов Варқа Дустович***, доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

**Матробиён Саодатшо Қосимзода**, номзади илми филология,
вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муҳаррир:
***Орумбекзода Шамсиддин Шодибек***, корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,
собиқ Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2013–2020)

«Пандномаи мардумии Бадахшон» маҷмӯаи насру назм аз зарбулмасалу мақолу андарзҳоест, ки дар Бадахшонзамини Тоҷикистон вирди забони оммаи мардум мебошанд. Забони порсии тоҷикӣ бо лаҳҷаҳои дарвозӣ, ғоронӣ ва бадахшонӣ, дар канори забонҳои помирии минтақа, дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ ва Ишкошими Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз ҳазор сол роиҷ буда, ганҷинаи бебаҳои фарҳанги диёрамон мебошад.

Ҳадаф аз нашри маҷмӯа – нигаҳдории фарҳанги сарзамин, тарғиби одобу ахлоқи ҳамида ва арзишҳои суннатӣ, хусусан барои насли наврас мебошад. Дар китобча панду ҳикмату зарбумасал ба таври алифбоӣ оварда шудаанд. Инчунин, аз гуфтори бузургон чакидаҳои баргузида гирдоварӣ шудаанд, ки аҳамияти тарбиявӣ ва ахлоқӣ доранд.

Умедворем, ки нашри китобча ба нигаҳдорӣ ва тарвиҷу ташвиқи сарвати бебаҳои таърихӣ ва фарҳанги ориётабори тоҷикон мусоидат хоҳад кард.

“Badakhshan Folk Wisdom” presents an exclusive collection of prosaic and poetic proverbs, maxims, and aphorisms commonly used in Tajik Badakhshan. The Tajik Persian language, enriched with Darwazi, Gharani, and Badakhshani dialects, alongside the region’s Pamiri languages, has been spoken for over a millennium in Darwaz, Wanj, and Ishkashim districts of the Gorno-Badakhshan Autonomous Province of Tajikistan. This linguistic richness is a testament to the unique cultural heritage of the country.

The primary goal of this publication is to both promote and preserve the rich heritage, traditions, and values, especially among younger generations. In addition to showcasing folk sayings, the book includes carefully selected classical poems from the wisdom literature popular in the region.

May this book play a crucial role in conserving the unique ethical, cultural, and historical heritage of the Tajik nation, contributing to the continuation of its rich tapestry for generations to come.

*Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз аст. Ягон қисми ин китобро ба ягон намуд ва ягон воситаи электронӣ ва механикӣ, таҷҳизоти ҳифзкунанда ва принтер бе розигии хатии муаллиф ва нашркунанда таҷдид кардан мумкин нест.*

Маҷмуаи китобҳо оид ба мероси фарҳангӣ

**Бахши Мероси фарҳангӣ ва гуманитарӣ**
**Мактаби олии рушд**
**Донишгоҳи Осиёи Марказӣ**

© Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, 2024
© ТҶ “Гулу гиёҳ”, 2024

## МУНДАРИҶА

Гулу гиёҳ........................................................................ 4

Пешгуфтор........................................................................ 6

Сарсухани мураттибон........................................................................ 10

Панди парешон........................................................................ 12

Панди бузургон........................................................................ 55

Мураттибон........................................................................ 72

## ГУЛУ ГИЁҲ

Созмони ҷамъиятии «Гулу гиёҳ» дар соли 2010 бунёд шуда, ҳадафи он эҳёи мероси табиӣ ва фарҳангии Бадахшони Тоҷикистон, алалхусус ноҳияи Ишкошими ин вилоят мебошад. Дар ин ҷодаи нек, созмон як зумра барномаҳоеро таҳия ва амалӣ намудааст, ки барои ривоҷу равнақи тибби мардумӣ (бо истифода аз чашмаҳои маъданӣ, набототи дармонбахш, асал ва гил), нигаҳдорӣ ва рушди забонҳои бостонии минтақа (ишкошимӣ, вахонӣ, порсии ғоронӣ ва порсии бадахшонӣ) равонаанд. Бинобар ин, омузишу парвариш ва тарғиби суннати гиёҳпизишкӣ, гармобашиносӣ ва забоншиносии маҳалии минтақа аз вазоифи аслии фаъолиятҳои созмон мебошанд.

Дар доираи фаъолиятҳои созмон, мероси шифоҳӣ ва осори мардумӣ ҷамъоварӣ, таҳия ва нашр мешавад. Мардуми бумии минтақа дар бораи мероси табиӣ ва фарҳанги хеш аз тариқи дарсу намоишҳо, мусоҳиба ва мулоқотҳо ошноӣ пайдо мекунад. Дар ҷараёни амалисозии барномаҳо, созмон ба чанде аз ниҳодҳои ватанӣ ва байналмилалӣ ҳамкории созанда дорад. Ҳомӣ ва сарпарасти асосии барномаҳои «Гулу гиёҳ» дар тули солҳои 2010–2020 «Хазинаи Кристенсен» (The Christensen Fund) буда, масъулини созмони мо натанҳо дар дохили кишвар, балки дар хориҷ аз он – дар давлатҳои Эстония, Лаҳистон, Латвия, Шветсия, Русия, Олмон ва Итолиё фарҳанги бостонии ориётабори Тоҷикистонро ба ҷаҳониён сарбаландона муаррифӣ намудаанд.

«Чашмаҳои маъдании дармонбахши Бадахшон» (2012), «Набототи дармонбахши Бадахшон ва истифодабарии онҳо» (2012), «Ремуздлуфтук» (2013), «Гилдармонӣ» (2014), «Табобат бо асал ва маводи занбурпарварӣ» (2014), «Ганҷинаи Ғоронзамин» (2014), «Тақвими ҷамъоварии набототи дармонбахши Бадахшон» (2015), «Ҳик расмиш» (2015), «Вуҳ диёр ганҷ. Ганҷи Вахонзамин» (2015), «Ишкашимский язык» (Пахалина Т. Н., 2016), «Таомномаи миллии Бадахшон» (2017), «Дастурамали гиёҳпизишк» (2017), «Гиёҳномаи Бадахшон» (2018), «Донишномаи тибби мардумӣ» (2021), «Шкошм усовдон» (2022) аз ҷумлаи маводи ба нашр расида ва мояи ифтихори созмони «Гулу

гиёҳ» мебошанд. Қобили қайд аст, ки аксари китобҳои чопшуда дар ҷодаашон бесобиқа ва камназир буда, мавриди шавқу завқи хонандагони фарҳангдуст қарор гирифтаанд.

Даврони кунунии ҷаҳоншавӣ хатари аз байн рафтани фарҳангҳо ва ҳуввиятҳоро ба бор овардааст. Бинобар ин, барномаҳои созмони «Гулу гиёҳ» ба монанди нахли умеданд, то ганҷинаи ниёгон, чун гавҳараки чашм нигаҳдорӣ шуда, аз гузаштагон ба ояндагон бирасад, чуноне ки шоир фармудааст:

Зи боғе, ки пешинагон коштанд,
Пасояндагон мева бардоштанд.
Чу кишта шуд аз баҳри мо чанд чиз,
Зи баҳри касон мо бикорем низ.
Чу дар киштукори ҷаҳон бингарем,
Ҳама деҳ кишоварзи ҳамдигарем.

**Ширинбек Давлатмамадов**

*Раҳбари созмони ҷамъиятии «Гулу гиёҳ»,*
*Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## ПЕШГУФТОР

### Меросе, ки арзиши абадӣ дорад

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омада, ки масъалаҳои мустаҳкам кардани пояҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодиву созандаи халқ ва гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосӣ дошта, тамоми муассисаҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма, телевизион ва радио, шабакаҳои иҷтимоӣ вазифадоранд, ки фаъолияти худро доир ба ҳалли масъалаҳои зикршуда пеш аз ҳама, ҳифзи истиқлолият, инчунин, инкишофи тафаккури миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, ҳифзи мероси гаронбаҳои миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи он ба ҷаҳониён тақвият бахшанд.

Бо назардошти раҳнамоии боло ва дарки арзиши мероси гузаштагон, гирдоварию омӯзиш ва пажуҳиши ҷиддии адабиёти гуфтории тоҷикон ҳамчун ганҷинаи бебаҳои адабӣ ва фарҳангӣ, вазифаи аввалиндараҷаи аҳли илм буда, аз муҳаққиқон тақозои он менамояд, то ин ганҷи бебаҳоро муфассалу ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намуда, пешкаши аҳли ҷомеа гардонанд. Зарбулмасалу мақолҳо яке аз навъҳои маъмули адабиёти гуфторӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти маънавии мардум нақши бориз доранд. Дастрас намудани онҳо барои аҳли ҷомеа, махсусан, барои насли наврас қадаме ба тақвияти маънавиёт ва ахлоқ аст, зеро ҳар як зарбулмасал ё мақол дар заминаи таҷрибаи зиндагии соҳибонаш арзи ҳастӣ намуда, дар тӯли садсолаҳо андешаи одамонро сайқал дода, онҳоро ба роҳи рост раҳнамун месохтанд.

Мусаллам аст, ки Бадахшон ҳамчун як пораи Тоҷикистон ба ҳайси осорхонаи фарҳанги миллати тоҷик ба шумор рафта, дар он расму оин, таомулҳо ва суннатҳо, забону лаҳҷаҳо ва инчунин намунаҳои зиёди адабию бадеии гуфториву навиштории гузаштагони миллати тоҷик маҳфуз мондаанд. Ҷамъоварию таҳлили илмии ин фарҳанг далелҳои зиёдтареро ба бор меорад, ки миллати тоҷикро аз нахустин миллатҳои тамаддунофари олам муаррифӣ

мекунанд. Аз ҷумла, зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ, ки ба таври муъҷаз, дақиқ ва нишонрас гуфта шудаанд, қисмате аз андешаҳои бикри ин миллат дар тӯли таърих ба ҳисоб меравaнд. Зарбулмасал ва мақол аз мубрамтарин жанрҳои фолклорӣ мебошанд, ки дар ҳар давру замон муҳаққиқони соҳаи фолклоршиносӣ ва ҳаводорон дар тамоми кишварҳои дунё ба гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқи онҳо машғул буда, маҷмӯаҳо ва рисолаҳои зиёдеро оид ба онҳо таълиф намудаанд.

Ҷамъоварӣ ва нашри ин ҳикмати мардумӣ таҷрибаи нав набуда, он дар илми фолклоршиносии тоҷик собиқаи худро доро аст. Ба ҷамъоварии ин ҳикмати мардумӣ аз миёни маскунони Бадахшон, пеш аз ҳама сайёҳҳон, мардумшиносон ва муҳаққиқони рус, амсоли В. В. Иванов, И. И. Зарубин, М. С. Андреев, С. И. Климчитский, А. З. Розенфелд, А. Н. Болдирев, В. С. Соколова ва чанд олими дигар таваҷҷуҳ намудаанд, зеро аксари онҳо, дар баробари иҷрои вазифаи касбиашон мафтуни фарҳанги гуногуншаклу мухталифмазмуни ин диёр гардида буданд. Идомаи ин корро муҳаққиқони тоҷик мисли Д. Карамшоев, Н. Шакармамадов, З. Воҳидов, С. Мирзабдинова ва дигарон ба дӯш доштанд, ки аллакай дар доираи талаботи корҳои таҳқиқотии муассисаҳояшон анҷом мегардид. Бояд зикр кард, ки кулли маводи ҷамъовардашуда аксаран дар ду забон, забони форсии тоҷикӣ ва яке аз забонҳои маҳаллӣ ҷамъоварӣ мешуд ва он аслан барои таҳлилу таҳқиқи илмӣ дар самтҳои забоншиносӣ ва фолклоршиносӣ истифода мегардид.

Маҷмӯае, ки аз ҷониби донандагон ва мухлисони панду андарзҳои мардумӣ, корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ширинбек Давлатмамадов, собиқадорони меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавлодод Фарҳодов ва Хадича Ҷалолова таҳти номи «Пандномаи мардумии Бадахшон» ҷамъоварӣ ва омодаи чоп гардидааст, давоми ташаббуси беназири муҳаққиқони боло маҳсуб мешавад. Китобе, ки дар даст доред, аз камтарин маҷмӯаҳо аст, ки маҳз ба хонандаи оддӣ ва мардуми қаторӣ нигаронида шудааст.

Маҷмӯаи мавриди баррасии мо аз чанд ҷиҳат дорои аҳаммият ва арзиши илмӣ аст, ки нашр ва ба дасти хонандаву пажӯҳандагон расидани онро муҳим ва саривақтӣ мегардонанд. Аз ҷумла:

1) Дар ин маҷмӯа зарбулмасалу мақолҳое ҷамъоварӣ шудаанд, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи сокинони Бадахшон мавриди истеъмол қарор доранд. Ин маънои онро дорад, ки маводи маҷмӯа як маводи зинда ва ҳаётан муҳим ба шумор меравад.
2) Зарбулмасалу мақолҳои ҷамъовардашуда бо тарзи гӯиш, забон, шакл ва мазмун дар миёни кулли мардумони ин сарзамин, новобаста аз доштани забонҳои маҳаллӣ, роиҷ ва қобили истифода мебошанд.
3) Маводи маҷмӯа бори дигар исбот менамояд, ки забони тоҷикӣ барои мардуми Бадахшон, хосса сокинони гуногунлисони болооби Панҷ ҳамчун забони фарҳанг, тамаддун ва эътиқодашон мавқеи махсус ва мустаҳам дорад.
4) Маводи маҷмӯа барои пажӯҳиши хулқу атвор, рафтору муносибат, тарзи андешаронӣ, тарзи ҳаёт, дарки худшиносӣ ва дарки ҳодисаҳои оламу одам аз тарафи соҳибонаш кумак мерасонад.
5) Зарбулмасалу мақолҳои ҷамъовардашуда маводеро фароҳам овардаанд, ки он метавонад ва бояд бо маводи ҳамсони минтақаҳои дигари Тоҷикистон муқоиса ва таҳлил гардад. Чунин пажӯҳиш ягонагии баромади миллии кулли сокинони Тоҷикистонро ба намоиш мегузорад.
6) Дар баробари ягонагии зарбулмасалу мақолҳои ҷамъовардашуда бо маводи ҳаммонанди дигар минтақаҳои кишвар, онҳо аз вижагиҳои забонӣ, тафаккурӣ ва ҳаётии худи сокинони Бадахшон иборатанд, ки барои пажӯҳиши таъриху фарҳангу забони мардуми маҳаллӣ аҳаммияти вежаи илмӣ дорад.
7) Дар асоси маводи мавҷуда, метавон таъсири мутақобилаи адабиёти гуфторӣ ва адабиёти хаттиро муайян намуд, зеро қисмати дуюми маҷмӯа панду андарзи бузургони фарҳанги моро фароҳам овардааст, ки дар миёни мардум ҳамчун панднома нақши зарбулмасалу мақолро иҷро менамоянд.
8) Панду андарзҳои ҷамъовардашуда, хосса зарбулмасалу мақолҳо намунаи беҳтарини лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ мебошанд, ки барои пажӯҳиши масъалаҳои зиёди пайдоиш ва раванди таҳаввули забони миллӣ хизмат мекунад.

9) Билохира, муқоисаи тарзи талаффуз, шеваи гуфтор ва инчунин мазмуну ҳадафи маводи ҷамъовардашуда бо маводи ҳамсоне, ки аз миёни мардуми Бадахшон дар тӯли қариб 150 соли охир ҷамъ оварда шуда буд, метавонад роҳи таҳаввули забону фарҳанги тоҷикро дар ин тӯли таърих ва дар ҳудуди ин сарзамин муайян созад.

Вижагиҳои маҷмӯаи мураттабшуда зиёданд. Ҷои таъкид аст, ки нашри он зарурати маҳз аст, ҳамчунин, барои илмҳои фолклоршиносию адабиётшиносии тоҷик ба таври алоҳида ва барои мутолиаи аҳли ҷомеа ба таври умум аҳаммияти зиёд хоҳад дошт.

**Охониёзов Варқа Дустович**

*Доктори илми филология, сарходими илмии,*
*Шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони,*
*Институти илмҳои гуманитарии ба номи*
*академик Б. Искандарови АМИТ*

## САРСУХАНИ МУРАТТИБОН

Адабиёти шифоҳии миллати тоҷик аз қабили афсона, рубоиёт, панду ҳикмат, шоириҳо ва зарбулмасалу мақолҳо дар зиндагии маънавии мардум ҷойгоҳи муҳиме дорад. Ҳар як панду андарз дорои фалсафаи худ буда, инсонро ба пиндору гуфтору рафтори нек, меҳру муҳаббат, инсондустӣ, саховатмандӣ, ва худшиносӣ раҳнамоӣ мекунад. Зарбулмасалу мақолҳо баёнгари арзишҳо ва суннатҳои миллӣ буда, дар тули таърих забону фарҳанги миллиро ривоҷу равнақ додаанд.

Ба қавли шоир ва муҳаққиқи шодравон Муҳаммадалии Аҷамӣ: «Дар адабиёти шифоҳӣ дар бахши зарбулмасал ва мақолҳо, диққатназарӣ ва андешаи жарфии гӯяндагон бисёр равшан ба назар меояд. Ҳар мақол ва ҳар масал, ба як ҳолат дар зиндагии инсонҳо ишорат мекунад ва наметавон бидуни андеша ва тафаккур аз онҳо сарфи назар кард. Дар як калом, нақши масалу мақолҳо дар тарбияти маънавии мардум муассир аст, агарчӣ кӯтоҳ, муҷаз гуфта шудаанд, аммо аз назари маъно пурбор мебошанд. Чунончи, ба унвони мисол, мақолҳои *«бе меш бошу бе хеш не; дуди хонаро равзани хона медонад; санги тобистону, қути зимистон; ҳама чиз садқаи сару сар садқаи номус»* ва ҳоказо. Дар ҳошиаи ин зарбулмасалаҳои зебо, мехоҳам бигӯям, ки адабиёти шифоҳӣ рӯҳи зиндагонии мардумро тасвир мекунад ва ҷони суннатҳои миллӣ ҳамеша аз он сабз аст».

Қобили зикр аст, ки дар қаламрави Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайр аз адабиёти шифоҳии мардумӣ, ашъори бузургони адабиёти классикӣ, аз ҷумла Рудакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саноӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (бо тахаллуси Шамси Табрезӣ), Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон маъмулу машҳуранд. Гуфтори ин бузургон саршор аз илму адаб, тарғиби ахлоқу маърифат ва хислати волои инсонӣ мебошад. Дар қаламрави фарҳангии Бадахшон, ин ашъори бузургон дар сабки мусиқии қасоидхонӣ ва мадҳиясароӣ бо оҳанги рубобу танбур иҷро шуда, дар дилу дидаи мардуми минтақа ҷойгоҳи хосе дорад. Зимнан, дар ин китоб мо гуфтори бузургони назми классикиро дар ҳамон шаклу имлое овардаем, ки мардуми минтақа онро талаффуз мекунанд (бидуни истифодаи ҳарфи «ӯ»).

Дар ин маҷмуъа, дар канори мақолу зарбулмасалҳои халқӣ, гулчини чакидаҳо аз ин осори гаронбаҳои ниёгонамон оварда шудаанд, ба умеди он ки волидайн ва соҳибзавқон онро дар тарбияи насли наврас мавриди истифода қарор диҳанд.

Мураттибон дар ҷамъоварии зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ ба дустдорони адабиёти шифоҳӣ – Қаландаров Салим собиқадори меҳнат, Шоалифов Алифшо – корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва собиқадори мехнат, Маликаи Ширинбек – духтур, Ширинбеков Нозим – заминшинос, Муҳаммадғозиев Бахтул – муҳандиси механикӣ изҳори миннатдорӣ мекунанд.

Дар таҳрир ва тақризи ин китоб олимони риштаи забоншиносӣ, доктори илми филология – Охониёзов Варқа Дустович, номзади илми филология, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Матробиён Саодатшо Қосимзода ва собиқ вазири фарҳанг ва корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Орумбекзода Шамсиддин Шодибек, саҳми фавқуллода назаррасе гузоштанд, ки боиси ифтихору сипоси фаровони мо мебошад. Ба қавли Шайх Саъдӣ:

Як гули мақсуд дар ин бустон,
Чида нашуд бе мадади дустон.

# ПАНДИ ПАРЕШОН

## А

Абр агар аз қибла хезад, барфу борон мешавад.

Аблаҳ як ваҷаб ҷойро медонад.

Аввал андеша, баъд гуфтор.

Аввал зану охир зану онгаҳ зану мард.

Аввал хеш, баъд дарвеш.

Аввал халқ, баъд Худо.

Аввал нон, баъд имон.

Аввал ба меҳри Алӣ, баъд ба зарби Алӣ.

Аввал пурсиш, баъд кӯшиш.

Аввал фил ёб, баъд филхона соз.

Аввал беҳ, охир бадтар.

Аввал бубин ҷойи худ, баъд бимон пойи худ.

Аввали ишқ хуб ҳасту охираш расвоӣ.

Агар хоҳӣ дусти мардум бошӣ, кина нагир.

Агар хоҳӣ шавӣ хушнавис, бинависту бинависту бинавис.

Агар хоҳӣ ба дустат душман шавӣ, ваъда куну вафо не.

Агар дил бисузад, аз чашми кур об мерезад.

Агар бинӣ намешуд, чашм чашмро мехӯрд.

Агар паридӣ чаридӣ, агар хоб кардӣ, хоб дидӣ.

Агар бахил намебуд, дунё гулистон мешуд.

Агар ҷонат забуни молу мулк ҳаст, туро ин молу мулк ҳам мору мур ҳаст.

Аз сиву ду дандонаш гап намебарояд.

Аз бечорагиаш луқмаро зоғ аз даҳонаш мебарад.

Аз одами бекор – ҳама безор.

Аз гургхурда – пӯст.

Аз гул бӯйе, аз хирс муйе.

Аз ҷавонӣ то пирӣ, аз пирӣ то ба кай?

*Аз ноумедӣ басе умед аст,*
*Поёни шаби сиёҳ сафед аст.*

Аз моли ҷаҳон ба ту расад як кафане, он ҳам ба гумон аст, ки барӣ, ё набарӣ.

Аз як даст садо намебарояд.

Аз мард лафзу аз зан феъл.

Аз душман умеди дустӣ накун.

Аз сар лулӣ, аз по курӣ.

Аз девори кач – парҳез.

Аз хук – муй.

Аз ду кадбону хонаноруфта мемонад.

Аз бекорӣ кадукорӣ.

Аз шаҳристон умеду аз гуристон не.

Аз дуст ҳарчӣ расад накуст.

Аз бед биёр себ.

Аз дуст озорӣ ҳасту безорӣ нест.

Аз гап гап мехезад.

Аз гандадара гандашамол меояд.

Аз ёри номувофиқ, танҳо будан беҳтар аст.

Аз зан муй, аз мард риш.

Аз ин тараф ронда, аз он тараф монда.

Аз гови шохзан оғели холӣ беҳ.

Аз зери нанг, зери санг беҳтар.

Аз кори бад – пушаймонӣ.

Аз мастӣ ба пастӣ.

Аз карнайчӣ – як пуф.

Аз бесамарӣ касе ба ҷое нарасад.

Аз борон гурехт, ба чакак гирифтор шуд.

Аз санг ҷавоб ҳасту аз ту не.

Аз модарозор ҳама безор.

Аз сояаш метарсад.

Аз дуст як ишора, аз мо ба сар давидан.

Аз ту дил неву санг.

Аз мор морбача мерӯяд.

Аз мори ҳафтсар наштарӣ, аз одами дурӯя битарсӣ.

Аз сустии саг рубоҳ ба бом мебарояд.

Аз одами бад доғи дил мемонад.

Аз одами навёфт умед нахоҳ.

Аз дасти зани ганда, ҷурғот намебандад.

Аз зани бад, бад бируяд, з-он, ки устодаш бад аст.

Аз офтоби баҳор баҳра бардор.

Аз суҳбати ҷоҳилон дур бош.

Аз банда ҳаракат, аз Худо баракат.

Аз хеши дур, ҳамсоя беҳтар аст.

Аз худат мондӣ, аз олам мондӣ.

Аз дасти мо мулло шудӣ, ба мо бало шудӣ.

Аз худ нарав, ки дустонатро гум мекунӣ.

Аз шарора аланга мехезад.

Аз шумии мардум, бисӯзад шаҳри Рум.

Аз ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

Аз аҳмақ риш, аз оқил сухан.

Аз пашша фил сохтан.

Аз ман бимонӣ, қадрам бидонӣ.

Аз рӯ рад, аз по тела.

Аз оташ дур нишин, то насӯзӣ.

Аз бало ҳазар.

Аз бад – бадӣ, аз нек – некӣ.

Аз саг устухон талабидан,

Аз хурд хато, аз калон ато.

Аз имрӯзат ба фардо мон.

Азизии меҳмон то се рӯз.

Ақл ба хурдию калонӣ нест.

Ақл гоҳ дар сару гоҳ дар по

*Ақл чизи шариф аст, ба ҳар кас нарасад,*
*Пари Товус латиф аст, ба каргас нарасад.*

Ақли мардум дар чашми мардум.

Алғиёс, алғиёс, сандали бобота бишнос.

Аловшурак нашав.

Ана гуй, ана майдон.

Ангурро бихуру боғашро мапурс.

Аспатро хар нагуфтам.

Аспро наъл карданд, қурбоққа пояшро бардошт.

Аспи сур аз гала дур.

Асо бувад қуввати пиру ҷавон, моркушу ҷуйпару сагрон.

Атола то паси дар, клусак (нони арзанӣ) ҷонма бихар.

Аҷаб расмест расми одаминзод, ки умраш меравад парво надорад.

*Аҷаб расмест расми одаминзод, ки дурафтодаро кам мекунад ёд,*
*Ки дурафтода мисли мурда бошад, ки хоки мурдаро кай мебарад бод.*

Аҷали шутур расад, гирди чоҳ мегардад.

## Б

Ба чаппот рӯро сурх кардан.

Ба ҷавонмард чил ҳунар кам аст.

Ба айби худ бино бош.

Ба бадӣ бало намерасад, ба некӣ – баҷо.

Ба дуст хору ба душман зорам накунӣ.

Ба умеди аспи ҳамсоя накуну ҷилави аспи худро гир.

Ба гузашта салавот.

Ба гушна нон доданд, гуфт: – Ҷавин!

Ба гуфтан кор осон аст.

Ба аспи хуб як қамчин, ба одами хуб як сухан.

Ба девори хушк лой намечаспад.

Ба доно ишора, ба нодон гап.

Ба кам шукр кун, бисёрро меёбӣ.

Ба кирдори нек сазои нек, ба кирдори бад сазои бад.

Ба дидан сер намешавӣ.

Ба умеди хода нашаву буттаро қап.

Ба мақсад мерасад ҷуёи кор оҳиста-оҳиста.

Ба дуст ҷафо кардан, ба душман вафо кардан аст.

Ба доно кор осон.

Ба хонаи нокас кадхудоӣ макун.

Ба хубон хубӣ, ба бадон бадӣ.

Ба кар гап занӣ, мегуяд дар бом рах-рах.

Ба хар, ки зураш нарасид, ба полонаш мезанад.

Ба ҷавонӣ он ёбӣ, ки дар пирӣ наёбӣ.

Ба гандара зан мадеҳ, ки тухмаш биканад.

Ба афғон намак мадеҳ, ба ёбу ҷав, афғон курнамак ҳасту ёбу камдав.

Ба Афлотун сабақ медиҳад.

Банд дар борикӣ меканад.

Ба пинукӣ сузан гузаронидан.

Ба ту мегуям, ё ба девор?

Ба хурдан, ки сер нашудӣ, ба лесидан намешавӣ.

Ба чил бангӣ авқот.

Ба худаш батпаз несту ба дигарон кочипаз.

Ба мардум табибу ба худ ғариб.

Ба хар бастан лоиқ нест.

Ба ҳайвон қаҳр кардан аблаҳист.

Ба назди нокас марав, аҳволаш мапурс, ҳоҷат маталаб.

Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасанд.

Бародар хуб аст ё дуст? Агар бародар дуст бошад, хуб аст.

Барои як кайк пустинро насӯзон.

Барги сабз – туҳфаи дарвеш.

Бародарӣ – баробарӣ.

Бар зиндагӣ тадбир мебояд.

*Бар чархи фалак маноз, ки қоматшикан аст,*
*Бар ранги либос маноз, ки охир кафан аст.*
*Мағрур машав, ки зиндагӣ чанд руз аст,*
*Дар зери замин шоҳу гадо як рақам аст.*

Бару бер.

Бало аз таги по мехезад.

Балоро ба ту кор нест, туро ба бало чӣ кор?

Бахт ба камбағал ояд, дер напояд.

Бахт дар бозор нест.

Бахил дасташ кӯтоҳу гураш танг аст.

Бахт аз тасодуфиҳои хуб аст.

Ба хонаи дусти худ бисёр марав, ҳарчанд азизӣ, оқибат хор шавӣ.

Басост, ки айши як соата андуҳи зиёд оварад.

Ба худододагон ситеза макун, ки худододаро Худо додааст.

Ба нодонон чунон рӯзи расонанд, ки сад доно дар он ҳайрон бимонанд.

Бача дар сафару номаш Музаффар.

Бача давиданашро медонаду ғалтиданро не.

Бача азизу одобаш аз у азизтар.

Бача то гиря накунад, модараш сина намедиҳад.

Баъди ош, як дам бош.

Баъди Навруз, чил кунда бисӯз.

Бе тахт бошу бе бахт не.

Бе бод дарахт намеҷунбад.

Бефарзандро ёд намекунанд.

Бедавлат агар кишт кунад об наёбад.

*Бе саг намераванд саворон ба азми сайд,*
*Мо чун саги туем, ту бе мо чӣ меравӣ?*

Бе амри Худо барг нарезад зи дарахт, гар амр шавад на барг монад на дарахт.

Бедард давои дардро кай донад?

Бе пул суханат асар надорад, ҳоле, ки ту дорӣ хар надорад.

Бе ранҷ, ганҷ муяссар намешавад.

*Бе пир марав, ки дар намонӣ,*
*Гарчанд Сикандари замонӣ,*
*Рав хизмати марди дурбин кун,*
*То рӯзи ҳисоб дар намонӣ.*

Бе меш бошу бе хеш не.

Бедавлатӣ аз нифоқ хезад, бодавлатӣ аз тифоқ хезад.

Бечора бошу дузд набош.

Бе мол шудӣ, такя ба буз кун, бе нон шудӣ, такя ба арзан кун.

Бигу бигу ба дашти Аргу.

Бирав, ки дашт аст.

Биҳишт зери қадами модарон аст.

Биҳишт шуниданӣ дораду диданӣ надорад.

Бино дида механдаду кур нодида.

Бозӣ бозӣ, мурдам аз хафанозӣ.

Боғу бустон, лоиқи дустон.

Боло туф кунӣ ба руят мерезад.

Болои сӯхта намакоб.

Бори вазнин зарари ҷон.

Бори каҷ ба манзил намерасад.

Бо ғам манишин, қазо чӣ парво дорад.

Бо иззати худ бинишину хорӣ маталаб.

Бо роҳи якрӯза – тушаи серӯза.

Бо гург мехураду бо соҳибаш мегиряд.

Бо дуои курмуш, ҳаво намеборад.

Бо аблаҳгон хомушӣ.

Бо хурусон ғолиб ояд мокиён.

Бо як тир ду нахчир.

Бо як гул баҳор намешавад.

Бо ваҳшӣ касе, ки ҳусн гирад, ҳам одати ваҳшиён пазирад.

Бо мо шинӣ бо мо шавӣ, бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ.

Бода аз дасти дилором чӣ ширину чӣ талх.

Бой аз фарбеҳгӣ меноладу камбағал аз лошагӣ.

Боҷа боҷаро дуст медораду гов кунҷораро.

Бо худ ёрӣ расон, он гоҳ Оллоҳ ба ту ёрӣ мерасонад.

Буз дар обу думбаш боло.

Буз дар ғами ҷону қассоб дар ғами чарбу.

Бузак бузак намур, ки баҳор ояд.

Бузургӣ бо пирӣ нест.

Буйи ҳафт хари мурдор мезанад.

## В

Вазифаи носеҳ насиҳат аст.

Вақти аз даст рафта боз ба даст намеояд.

Вақти ҷанг ҷангу вақти нанг нанг.

Ватан он ҷост, ки озоре набошад, касеро бар касе коре набошад.

Ваъдахилоф чун бед ҳаст, ки сарсабзиву таровату тозагӣ дорад, вале гул намекунаду самар намедиҳад.

Ваъда додӣ – вафо кун, қавл додӣ – иҷро кун.

## Г

Гадоро саг медонад.

Гадо ба гадо раҳмаш ба Худо.

Гандум ҳама ҷо, кадбону ҷо ҷо.

Гандум аз гандум мерӯяду ҷав аз ҷав.

Гандаи худату нағзи мардум.

Ганҷ магир, китоб гир.

Ганҷ бе ранҷ муяссар намешавад.

Ганҷро Хисрав бурду ранҷро Фарҳод.

Гап дар салла неву дар калла.

Гап дар гандаву шабуш дар ҷанда.

Гапи дева заданд, дев омад.

Гапи ростро аз бача пурс.

Гапи бисёр ба хар бор.

Гап занам – мезананд, дам занам -мебаранд.

Гапаш назан, ки духтари шоҳи Эрон аст.

Гар ба давлат бирасӣ, маст нагардӣ-мардӣ

Гар ба дил завқе надорӣ, синаҷунбонӣ чӣ суд?

Гардани хамро корд намебурад.

Гар шиновар нестӣ, по ба лаби дарё манеҳ.

Гард ба доманаш нест.

Гирди номи падар чӣ мегардӣ, падари хеш бош, агар мардӣ.

Гови қисир душмани гусола.

Гови Худову хари Мустафо.

Гов дар оғелу ғусса дар дил.

Гови бе шир садои баланд дорад.

Гов, ки омад гусола аз ҷояш мехезад.

Гоҳе чунин гоҳе чунон.

Гоҳе аз пиру, гоҳе аз мурид.

Гоҳе дар наълу гоҳе дар мех мезанад.

Гаҳе зинсавору гаҳе зин ба пушт.

Гузар надида чамус кашида.

Гусолаи нармдаҳон ҳамаи говро мемакад.

Гусолаи мо пир шуду гов нашуд.

Гусола ба думби гову ту нухта биков.

Гуспанди нар барои куштан.

Гули маҷлис шудааст.

Гули рӯйи замин аз хок аст.

Гулро бӯ мекунанд гандаро не.

Гул ба пирон хуш аст, ҷавонон худ гуланд.

Гул бирезад нарезад аз вай бӯй.

Гуле, ки тарбияи боғбон нахурдааст, гар ба чашмаи хуршед расад – худрӯй аст.

Гуноҳ кунанда говон, раис диҳад товон.

Гунҷишкро чиву шурбояш.

Гургро гиряю харро ханда.

Гург чупонӣ намекунад.

Гург агар пашм диҳад, меши ман аст.

Гуруснагӣ шерро бо лошахурак розӣ мекунад.

Гурба дар хобаш чарбу мебинад.

Гурба ҳафт бор ҷойи бачаашро иваз мекунад.

Гурба думбаро бурду калиддон сахт шуд.

Гур кушоду кафан кушод.

Гур ҷудову кафан ҷудо.

Гурези сари вақт, зафар аст.

*Гуфт Афлотуни доно вақти мурдан ин сухан,*
*Ҳайфи доно мурдану сад ҳайфи нодон зистан.*
*Хуб шуд доно бимурду рӯйи нодонро надид,*
*Мурдани доно беҳ аз як дам ба нодон зистан.*

Гушт бе устухон намешаваду чой бе шамма.

Гушт аз нохун ҷудо намешавад.

Гушти баданамро хӯрда бошам – ин корро накардаам.

Гушти хару дандони саг.

## Ғ

Ғайрати мардӣ надорӣ, зан махоҳ.

Ғайбатчӣ рӯйи худро сиёҳ мекунад.

Ғалла дар чаҳ, бача дар ҳасрати кулча.

Ғами марги бародарро бародармурда медонад.

Ғами нону бими ҷон.

Ғами фардоро имрӯз бояд хӯрд.

Ғарқшаванда ба ҳарчиз қап-қап мекунад.

## Д

Давои ғазаб хомушӣ аст.

Давидани гусола то дари каҳдон.

*Давлати асрори мо, гӯш куну дам назан,*
*Ин дили пинҳони мо, гӯш куну дам мазан.*

Дам ғанимат аст.

Дар киса пул намонду дар чошдон нон.
Дартароши бе дар, музадузи бе муза.

Дар хона обу гил нест, занро писанди дил нест.

Дар хона нони гандум набошаду забони гандум.

Дар равзани кофар задан.

Дар замбурэча санг задан.

Дар девэча задан.

Дар сарам оби хунук рехт (бо сухани гуфтааш).

Дар хамир муй кофтан.

Дар хамермодонаш каҷуки орд нест, мегуяд серам.

Дар ҷавонӣ ҳеҷ набуд, ҳоло пир шудааст.

Дар шурбои мо сӯхт.

Дар ин дунё касе бе ғам набошад, агар бошад банӣ одам набошад.

*Дар амалдории худ бо мардумон,*
*Бош доим хушзабону меҳрубон.*
*То туро баъди амал дар ҳар куҷо,*
*Иззату ҳурмат кунанд хурду калон.*

Дар баста – бало баста.

Дар дини кистӣ? Дар дини Малики мулк.

Дарро задам, девор кафид.

Дар серӣ нону дар гармӣ либос.

Дарахти бесамар беҳ аз фарзанди носолеҳ.

Дар шутур савору дар паси куфонаш пинҳон шудан.

*Дарахти макри зан сад реша дорад,*
*Фалак аз дасти зан андеша дорад.*

Дарё ҳамсоя надораду подшоҳ – дуст.

Дарё барои нӯшидан аст.

Дар орзуи дубора дидор бисёр кас аст.

*Дар ин даргаҳ, ки гаҳ-гаҳ, каҳ куҳу куҳ каҳ шавад ногаҳ,*
*Машав ғарра ба имрузат, ки аз фардо наӣ огаҳ.*

Дарди бад – давои бад.

Дарди ангушт мардака кушт.

Дар пеши хирад Шамбею Одина якест.

Дар ҳамаи ош қатуғ.

Дар хонае, ки зан нест рушноӣ нест.

Дар ҷанг мурдан, беҳ аз асирӣ.

Дар ҳафтодсолагӣ машқи танбур мекунад, то дар гур бинавозад.

Дар ҳар соату дар ҳар дам, дигаргун мешавад аҳволи одам.

Даст дастро мешӯяд.

Дасти зур боло.

Даст дутарафа садо мекунад.

Даст ба кору дил ба ёр.

Даст бар сурох мабар, аз заҳри мор андеша кун.

Даст бишканад дар остин, сар бишканад дар тоқин (кулоҳ).

Дасти худро кас бисозу миннати нокас магир.

Дасташро ба косаи тар намезанад.

Даст додӣ, аз оринҷ меқаппад.

Даҳонро ба ханда намону забонро ба лақидан.

Даҳ бор чен бикуну як бор бибур.

Даҳони саг ҳамеша боз аст.

Девона гурез, ки маст омад.

Девона агар ғалат кунад, боз аз сар.

Девор муш дорад, муш гӯш дорад.

Деги Худо дер ҷӯш меояд.

Дер ояду шер ояд.

Дидор ғанимат асту ҷон меҳмон аст.

Дилро болои гурда мон.

Дилаш, ки нафорид бимон биравад.

Дили нохоста узри бисёр.

Дил, ки бисӯзад, аз чашми кур об бирезад.

*Дил, ки ранҷид аз касе, хурсанд кардан мушкил аст,*
*Шишаи бишкастаро пайванд кардан мушкил аст.*

Дилозорӣ як дақиқа.

Дил мекашаду по меравад.

Дил, ки нахост, баҳона бисёр.

Дил оинаи дил аст (дилҳо оинаи якдигаранд).

Дили модар ба бача, дили бача ба куча.

Дилро ёбу қанда зан.

Дили беғараз кушод аст.

Дил – дили Зайнаб.

Доно бино аст.

*Доно ба имorати сухан машғул аст,*
*Нодон ба имoрати бадан машғул аст.*

Дониш аз хониш аст.

Доноӣ – биноӣ аст.

*Дору мадеҳ табиб, ки зӯр аст дарди ман,*
*Ман беҳ намешаваму ту бадном мешавӣ.*

Дона то, ки дар замин реша нагирад намесабзад.

Дуд беҳ аз сармо.

Дуди хонаро равзани хона медонад.

Дунё ба умед.

*Дунё, ки ба номи нокасон розӣ шуд,*
*Аспҳо рафтанду харкура тозӣ шуд.*

Дунёгаштан аз дунёхӯрдан беҳтар аст.

*Дунёра чӣ ҷои бевафо мебинам,*
*Худро зи ғарибони Худо мебинам.*
*Шахсе дидам, ки моли Қорун дорад,*
*Дар хонаи охират гадо мебинам.*

Дузд тарсончак аст.

Дузд – ирға, соҳибмол – шарманда.

Дузд қарақчиро зад.

Дузд бошу баинсоф.

Дузд дуздро мешиносад.

Дузд якеву гумонбар ҳазор.

Дули ману дули ман, шиками чақури ман.

Дуст то лаби гур.

Дусте, ки вафо накард, душман беҳ аз ӯ.

Дусти ҷонӣ бош, на дусти нонӣ.

Дурр дар зери обу хас дар рӯи об.

Дурушти дуруст.

Дуруғгӯ – душмани Худо.

Ду пой дар як чамус.

Дур нарав гургат нахӯрад, қариб наё, ки шаклатро набинам.

Духтарина – санги фалахмон.

Душмани оқил беҳ аз дусти ҷоҳил.

Душман агар қавист, посбон кавитар аст.

Душмани доно баландат мекунад, бар заминат мезанад нодон дуст.

## Ё

Ё аввал, ё охир.

Ё дасти ҳунар, ё дасти падар.

Ёр зиндаву суҳбат боқӣ.

Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем.

Ёри некро дар рӯзи бад бояд шинохт.

Ёри бадро ёри дағал мебояд, шамшери каҷро ғилофи каҷ мебояд.

Ё мард бош, ё дар қадами мардон.

Ё коргар бош, ё корфармо.

Ё харро пеши бор бару ё борро пеши хар.

## З

Забондонӣ ҳунар аст.

Забон донӣ – ҷаҳон донӣ.

Забони ширин морро аз эча мебарорад.

Забони мурғонро мурғон медонанд.

Забон бе устухон аст.

Забонаш гирди сараш мегардад.

Забон дар даҳон посбони сар аст.

Забони сурх сари сабз медиҳад барбод.

Замин ҳама чизро мебардорад.

Замин сахту осмон баланд.

Зани бад бадтар бувад аз мори бад.

Зани бекор, ё ғар мешавад, ё бемор.

Зан кор мекунаду мард лоф мезанад.

Зан розӣ, мард розӣ – гури падари қозӣ.

Зан то назояд бегона аст.

Зан то назояд дилбар аст, чун бизояд модар аст.

Зан шамъу чароғ аст.

Зан шарики зиндагӣ ва ёри дармондагон аст.

Зани ҷавону шуи пир, сабад бимону ҷуҷа бигир.

Зани хубу фармонбару порсо, кунад марди дарвешро подшоҳ.

Зар пинҳон – сар пинҳон.

Зар пинҳон, зан пинҳон, дин пинҳон

Зар ҳам яке аз савдост.

*Замоне зан ба шайтон ҳамнишин буд,*
*Ки шайтон пеши он зан хӯшачин буд.*
*Кашиданд илми ҳарду дар тарозу,*
*Ҳанӯз ҳам илми шайтон камтарин буд.*

Зеби гардан – мӯҳра.

Зеби мард – бурут.

Зиёнтарин айб, айби худро надидан аст.

Зи ҳарфи номулоим ошно бегона мегардад.

Зиннати шахс илму ҳунар аст.

Зиёдталабӣ шум аст.

*Зулайхо мурд аз ҳасрат, ки Юсуф гашт зиндонӣ,*
*Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ.*

## И

Иблис рафту ҷинояташ монд.

Илм хоҳӣ такрор кун, ҳосил хоҳӣ шудгор кун.

Илми бе амал, дарахти бесамар.

Илм бе баҳс, давлат бе сиёсат, мол бе тиҷорат намешавад.

Илм мурғи вахшист.

Иллат бираваду лек одат наравад.

Ин диёру ин мазор.

*Ин кӯҳнаработ аз сари бобою падар монд,*
*Чун кӯҳна матоъ аз сари ту хоҳад монд.*
*Аз омадану рафтани ин даҳр чӣ бок аст?*
*Мероси ҷаҳон ҳамраҳи ман хоҳад монд.*

Ин ҳам заду он ҳам заду пасмонда кулух ҳам зад.

Интизорӣ бадтар аз марг аст.

Инсон ба умед зинда аст.

Инсоф ними имон аст.

Инсоф боло аз тоат ва ибодат.

Имсол задан сумба, соли дигар меҷунбад.

Исо ба дили худ, Мусо ба дили худ.

Ишқварзиро аз Маҷнун ёд бояд гирифт.

Ишқ дарди бедавост.

Ишқ чизест, ки забонро аз гуфтор боз медорад.

Ишқ аст ҳаёти ҷовидонӣ, бе ишқ мабош, то тавонӣ.

**К**

Кайф кайфи безанӣ, фатир пазӣ тоқа занӣ.

Кал бошу кур бошу бемор мабош.

Кал – додари кур.

Кал доим тоқӣ мепушад.

Кал аз кӣ кам аст?

Кам бихӯру ғам нахӯр.

Кам хӯрдӣ бурдӣ, пур хӯрдӣ – мурдӣ.

Кардаи хеш – ояд аз пеш.

Каргас пеш аз мӯрдан ба Помир меравад.

Касе, ки дидор ба ӯ манъ шудааст, бо хабар қонеъ мешавад.

Касби падар – мерос ба писар.

Кас, ки бошад паси парда, кӣ хуб ҳасту кӣ ганда.

Каҳдон будӣ, холӣ шудӣ.

Кач бишину гапро рост бигӯ.

Кина – зангори сина.

Кӣ мегӯяд, ки дуғи ман туруш.

Киштро пагоҳ кор, зарро пагоҳ ор.

*Кишту кори хисрави,*
*Харчи бикори, бидрави.*

Кори бача – хеча.

Кор аз зани мардумону лоф аз зани ман.

Кор аз одам паст.

Кори имрӯзаро ба фардо нагузор.

Корро асбоб мекунаду соҳибаш лоф мезанад.

Кори хайр сеюмаш хуб аст (кори хайр – то се бор).

Кори шабу хандаи рӯз.

Коре кунӣ баҳри савоб, на сих сӯзад на кабоб.

Косиб ҳабиби Худост.

Коҳилӣ бадтар аз кофирист.

Кӯр кӯрро таъна мезанад.

Кӯр ба кори худ биност.

Кӯрро чӣ мебояд? – Ду дидаи равшан.

Кӯр якбор асояшро гум мекунад.

Кӯр як бор дар чоҳ мезанад.

Кӯҳам ону мӯям он.

Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад

*Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,*
*Кабутар бо кабутар, боз бо боз.*

Кӯшиши бефоида – сурма ба чашми кӯр.

Кӯшиши ҷавонӣ – роҳати пирӣ.

## Қ

Қавитар мардум он бошад, ки ба таскинии хашм қудрат дорад.

Қавл қавли аввал.

Қадри зарро заргар медонад.

Қадри худро надонӣ, қадри дигаронро намедонӣ.

Қазоро рад кардан набояд.

Қазо, ки расид нури чашм мерасад.

Қаландар чӣ кучу чӣ макон.

*Қамчии устод гул аст,*
*Вақти задан булбул аст.*

Қатра-қатра дарё гардад.

Қандам хӯрдӣ, дам мазан, фандам хӯрдӣ, дам мазан.

Қаҳрат хест, лабатро газ.

Қаҳри дарвеш – зиёни дарвеш.

Қашшоқӣ ба кофирӣ мебарад.

Қиёмат гарчӣ дер ояд – биёяд.

Қотил ба пои худ ба дор меравад.

Қурбон шавам Худоро, як бому ду ҳаворо.

Қурбоққа гуфт: бур бур кунам об дар даҳонам пур мешавад, накунам – дилам мекафад.

## Л

Лаззати умри одам фарзанд аст.

Лаззати ишқ – ошиқ аст.

Лоф задан кори номардон аст.

Лоф дар ғарибӣ, тикка дар торикӣ.

Луқма бо ёрон хуш аст, хок дар он луқма, ки танҳо хӯрӣ.

*Луқмони Ҳаким, хонаат пур хору хас аст,*
*Меҳмони равандаро ҳамин хона бас аст.*

## М

Мазан лофи бад, ки оварад ҳоли бад.

Майли касе кун, ки талабгори туст.

Маймун ҳарчи зишттар аст, нозаш бештар аст.

Мардро дар сафар метавон шинохт.

Мардро мушт мазану зарба бизан.

Мард бош, ё дар қадами мардон бош.

Мард лоф мезанаду зан кор мекунад.

Марди бо ҳунар, хонааш пури зар.

Мард бояд ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад.

Марг хоҳад – Қундуз равад.

Марг хабар намекунад.

*Мақсад аз омадани мо дидор аст,*
*В-арна ин нону намак дар ҳама ҷо бисёр аст.*

Манигӯ панҷа ба рӯ.

*Ман шод шудам, шоҳи мо Шуғнона гирифт,*
*Аввал, ки расид ҷони ғарибонма гирифт.*

Мапурс oнчиро, ки фаҳмиданаш барои ту ранҷ меорад.

Маталаб зи бевапарвар дами оби зиндагонӣ.

Меҳмон, ки ба хона омад иззаташ кун, ки боз ояд.

Меҳмон ё обандоз, ё алована ндоз.

Меҳмон рӯзи аввал хости Худо, рӯзи дуввум – атои Худо,
рӯзи сеюм – балои Худо.

Мезанамат аз Қундуз тарбуз меорӣ.

Меҳр дар чашм.

Мо ёри равандаем, ҳамин каппа бас аст.

Мо аз пайи ризқему аҷал аз паси мост.

Модарро бину духтарро бар.

Модар чигуна – духтар намуна.

Мокиён, ки вақти додан мешаванд,
мезананд минқор дар пушти хурусон.

Моли мардум – ба ҷандум.

Молатро сахт бигиру ҳамсояро дузд нагир.

Мол дорӣ – ҳол дорӣ.

Молдорӣ – мотамдорӣ.

Моли мӯъмин – хуни мӯъмин

Мол чирки даст аст.

Моро аҷаб ояд, ки аз ин зан писар ояд.

Моро дар рӯзи меҳнат ёр бояд, вагарна дар рӯзи шодӣ ёр бисёр аст.

Мор морбачаро намегазад.

Моргазида аз банди ала метарсад.

Моргазидаро хоб мебараду гушнаро не.

*Мо хурду калон ҳама ба ном инсонем,*
*Дар дасти замона ҳамчу ангуштонем.*
*Имруз агар пасту баландӣ дорем,*
*Фардо ки равем ба хок, ҳама яксонем.*

Моҳӣ бо об зинда, одам бо одам.

Мулки Худо танг нест, пои ғариб ланг нест.

Мулло хар дошту хараш – навкар.

Мулло шудан осон, одам шудан мушкил.

Мурдани гусола, танаи ҳамсоя.

Мурғ, ки фарбеҳ шуд, кунаш танг мешавад.

Мушти аҷал садо надорад, баъди задан даво надорад.

Муш ба мушеча намеғунҷаду ғилбол аз қафояш.

Муши дар омаду муши хонаро баровард.

## Н

На ба Худо бандаву на ба подшоҳ раият.

На ба худ, на ба касон, ганда шавад бахши сагон.

На зафару на хатар.

На орои шиштану на орои хестан.

Накӯкорӣ аз пуркорӣ.

Накардӣ кор андеша, задӣ бар пои худ теша.

Намозро бигзору ниёзро нагузор.

Нарх ҳасту бозор.

Нардбон поя ба поя.

Напарад бозе, ки пар надорад.

Насиҳат талх аст.

Нафси бад балои ҷон.

Нафс серӣ надорад.

Нашикан нони касе, ки падар надида бошад.

Неъмати рӯи замин, ризқи бешармон бувад.

Некиро некиву бадиро бадӣ.

Некӣ бикуну дар Даҷла андоз, ки Эзид дар биёбонат диҳад боз.

Некӣ кардӣ умедвор бош, бадӣ кардӣ ҳушёр бош.

Не баргу гуле ба шохи гул мемонад, не ҳеҷ касе дар ин ҷаҳон мемонад.

Не салому не алейк, меҳмон дар сари дег.

Нест мулки падарам, хандақаш то пеши барам.

Нигоҳи дарвеш айни савол аст.

Ниёзи пирон, ҳаққи фақирон.

Ним аз ту, ним аз додарат, хок хурад модарат.

Нодон душмани мардуми доност.

Нодон надонаду напурсад, доно донаду боз пурсад.

*Нокасе гар аз касе боло нишинад айб нест,*
*Чунки хас дар рӯйи обу зери дарё гавҳар аст.*

Номи баланд беҳ аз боми баланд.

Номи Рустам – беҳ зи Рустам.

Номи накӯ гар бихоҳӣ, нон бидеҳ.

Номард дар ғурбат афтад, сад мардро номард мекунад.

Номардро баъд аз ҷанг ёд меояд.

Нони мулло хӯрдӣ, ҷони мулло хӯрдӣ.

Нон бидеҳу ном барор.

Нони гарм қабули Аллоҳ, файз аз Набӣ, карам аз Мавло.

Нони гандум набошаду забони гандум.

Нон бошад суруд ҳам мешавад.

Нони мард ба мард қарз аст.

Нони пухта – ҷомаи духта.

Нон дорӣ – ном дорӣ.

Нон бидеҳ, фармон бидеҳ.

Нон ҳам нону нонреза ҳам нон.

Нону пиёз, пешонии воз.

Нони ҷавини хеш беҳ аз гандуми касон.

Нохурдаҳо дар армону хурдагиҳо пушаймон.

Нохурда товон.

*Нишоти умр бошад то ба сӣ сол,*
*Ба чил ойӣ таназзул аз паси кор.*
*Ба панҷоҳ гар равӣ орӣ ту сустӣ,*
*Ба шаст ойи наёбӣ тандурустӣ .*

*Ба ҳафтод ҳаст марги мард зебо,*
*Ба ҳаштод гар расӣ афтӣ ту аз по.*
*Навад навмедии умр ҳаст, эй ёр,*
*Ба сад ойӣ, шавӣ аз умр безор.*

О

Об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност.

Об аз паси ҷуй, зан аз паси шуй.

Об аз хурду нон аз калон.

Об аз боло лойолуд мешавад.

Об аз сари мо гузашту лабон ташна.

Об дар кузаю мо ташналабон мегардем.

Оби дари хона тира, духтари хона хилминин.

Обе, ки зи чашм рафт, кай ояду боз.

Оби рехта ҷамъ намешавад.

Об руйи ях.

Об андохтан ба даст савоб.

Об хурданро аз хар бояд ёд гирифт, роҳгаштанро аз гов.

Овозаи марг зуд паҳн мешавад.

Одам ба сират аст, на ба сурат.

Одам гавҳари ноёб аст.

Одам дубора ба дунё намеояд.

Одами бе Ватан – мурдаи бе кафан.

Одами бесавод кӯр аст.

Одами мағрур аз ҷамоат дур.

Одами бехона ҳамаҷо бегона.

Одами беҳаё, не нанг дораду не вафо.

Одами булҳавас, не ба худу не ба кас.

Одами гурусна нонро дар хоб мебинад.

Одам бо сухан меравАДу ҳайвон бо банд.

Одам – як дам.

Одамин шири хомхурда.

Одами дуруғгу камҳофиза мешавад.

Одами оқилро як ишора.

Одаминро ақл мебояд на зур.

*Одамиро на ба нутқу на ба ришу на ба ҷон,*
*Тутӣ ҳам нутқ, буз ҳам риш, хар ҳам ҷон дорад.*

Одам аз айбу ҳунар пок нест, оби равон бе хасу хошок нест.

*Одина ба бозор шудам вақти намоз,*
*Кабке дидам нишаста бар синаи боз.*
*Он кабк ба он боз ҳамегуфт ба ноз,*
*Ҳар кас, ки ҷафо кунад, ҷафо бинад боз.*

Одати фарзандонро модарон медонанд.

Одати бад – балои ҷон.

Озодӣ – ободист.

Оқибати хашм пушаймонист.

Оқибати бадгуӣ – душманист.

Оқил аз дигарон бояд панд гирад.

Олими бе амал – занбури бе асал.

*Он ҳам, ки кабоб мехӯрад мегузарад,*
*Он ҳам, ки шароб мехӯрад мегузарад.*

*Он ҳам, ки ба нони ҷав қаноат карда,*
*Тар карда ба об мехӯрад мегузарад.*

Он рӯз, ки бигузашт, куҷо ояд боз.

Ончи бо шир дарояд бо ҷон барояд.

Он кас, ки саховатманд аст, чӣ ҳоҷат ба шуҷоъ?

Он чӣ ба худ написандӣ, ба дигарон марисанд.

Онҷо, ки намак хӯрдӣ, намакдон машикан.

Осиёб – бо навбат.

Осиёб нов дорад, ҳар кор тоб дорад.

Остин чӣ дарозу чӣ кӯтаҳ.

Осмонро ба замин духта намешавад.

Оташ ба зимистон зи гули сурӣ беҳ, алангаи ӯ зи атласи румӣ беҳ.

Оташ бе дуд намешавад.

Оҳиста раву ҳамеша рав.

Офтоб нур дораду маҳтоб равшанӣ.

Офтобро бо доман пӯшидан намешавад.

Ош то дари фарош (оғел).

Оши шабмонда ба рӯзи дармонда.

## П

Пагаҳхезиро аз кӣ ёд мегирӣ? – Аз ҳамсоя.

Падар, ки зан гирифт, падарандар аст.

Падару модар меваи ноёбанд.

Пайғоми марг бадтар аз марг аст.

Панд ба ҷойи қанд.

Панди падар бе асрор нест.

Панҷ ангушт баробар намешаванд.

Панҷ ангуштро дар даҳон намезананд.

Пас мебинаду пеш медавад.

Паст бидарав.

Пашша омад зад лағат, фили мо мурдор шуд.

Пеши кур чӣ сурх, чӣ бур.

Пеш аз луқма даҳон воз макун.

Пеш аз туй нағора.

Пеши табиб мараву пеши дардпахсида бирав.

*Пирӣ сару бари бесавобӣ дорад,*
*Гулнори рӯхаш ба ранги обӣ дорад.*
*Бому дару ҳам чаҳор девори вуҷуд,*
*Вайрона шуданд, рӯ ба харобӣ дорад.*

Пирӣ ба мисоли бум дар хонаи ғам.

*Пирӣ бирасиду банди зиндонам кард,*
*Ақлу хирадам гирифту нодонам кард.*

Пирӣ саросар нуқсон аст.

Писар дар роҳи ишқ афтад, чӣ парвои падар дорад.

Писар гар нохалаф гардад, ҷафоҳои падар ҳайф аст.

Пишакро поу қудумаш.

Пишакро пиш намегӯянд.

Поҳро ба андозаии курпаат дароз кун.

Поёни шаби сиёҳ сафед аст.

По ба лаби гур.

По неву сапал.

Пойлуч аз об далер.

Поктарин луқма он аст, ки мард аз касби худ бихӯрад.

Пул бошад, дар ҷангал шӯрбо.

Пӯстат чанд ҷивол каҳ мебарад?

Пурсидан айб нест.

Пушок гуфт: ту маро таҳ ман туро шаҳ,
ту маро дар хок, ман туро дар хокистар.

Пӯстинро чапона напӯш.

## Р

Раққос, ки рақсидан натавонист, мегӯяд погаҳ танг.

Ранҷ бикаш, то ба ганҷ бирасӣ.

Ранҷ бар мӯъмин.

Ранги зардамро бубину ҳоли зорамро мапурс.

*Рафтам бари табиб, ки ёбад давои дард,*
*Рангам бидиду гуфт, ба дардат давое нест.*

Расидӣ – бигир, ёфтӣ – ғанимат дон.

Ризқатро сари санг монӣ, зоғ мебарад.

Ризқи ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст.

Ризқи мард дар по.

Ризқи ту яке, чаро ҳазор металабӣ?

Рози худ ба ёри худ то тавонӣ магӯ.

Ростонро хатаре нест, ё ки ростиро заволе нест

Роҳгузар нон мехӯраду аблаҳ ғам.

Роҳи дур – тушаи зур.

Роҳи муш ба осиёб.

Рӯзи пагоҳта бегоҳ накун.

Рӯзгор думбаш дароз аст.

Рӯзгор оинаро муҳтоҷи хокистар кунад.

Рӯзам бидеҳ, ки ҷонам ба осонӣ барояд.

Рӯбоҳ думбашро гувоҳ мекашад.

Рӯ бо рӯ беҳ аз паҳлу.

Рӯта Худо бубинад.

Рӯта бо панҷ панҷа сиёҳ кардӣ.

## С

Сабзӣ дар санг нарӯяд, чи гуноҳ боронро?

Сабр ганҷат диҳаду бесабрӣ ранҷ.

Савдо бо ризо, хешӣ ба хушӣ.

Саг аз мову ҷахиданаш дар боми Мирзо.

Саги тару паси дар.

Саги дар ҳузур беҳ аз бародари дур.

Саг дар хонаи соҳибаш шер аст.

Саг меҷахаду корвон мегузарад.

Садо аз як даст барнамеояд.

Садо аз ду даст мебарояд.

Сад рӯз ба гирди кору як рӯз ба гирди ёр.

Сад қарна занад каргас, сад сола шавад қурнӣ, ҳаргиз намурад мор.

Садои дояи меҳрубон ба бӯи модар нарасад.

Сазои сарам, ки ҳақ гуфтам.

Сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр.

*Саодат ихтилоти зиракон аст,*
*Зи нодон гар расад суде зиён аст.*

Сахӣ дар ду олам сарбаланд аст.

*Сахиён зи амвол баҳра мехӯранд,*
*Бахилон ғами симу зар мехӯранд.*

Салом аз хурд.

Саломатӣ ганҷи бебаҳост.

Саломатӣ беҳтар аз бойигарист.

Саломатӣ инсонро зеб медиҳад.

Салом суннат ҳасту ҷавоб воҷиб.

Санг ба пои бузи ланг.

Санге аз кӯҳ афтад, сад сангро бечо мекунад.

Санге, ки дар қӯл партовӣ.

Санги тобистону қути зимистон.

Сари мурда чӣ болову чӣ поён.

Сари хамро шамшер намебурад.

Сара бошу дар даруни гала бош.

Сар раваду сир наравад.

Сармо аз думболи барф.

Сари бегунох ба дор намеравад.

Сари хурду риши дароз нишони аҳмақист.

Сафар кардан саҳар беҳтарин.

Сафедро сиёҳ намегӯянд.

Сер аз гурусна хабар надорад (сер парвои гурусна надорад).

Се чиз аст, ки амон намедиҳад: дарёву оташу подшоҳ.

Симурғ ба кӯҳи Қоф нолон зи зан.

Сиёсат аст, ҳокимят аст.

Сиёҳдарунӣ накун.

*Синаи пурмеҳри модар то абад осуда нест,*
*Қалби ӯ дар зери гӯраш ёди фарзанд мекунад.*

Сол гузашт, ҳол гузашт.

Сӯбҳро шом дар қафо ҳаст.

Сӯзандузд ҳам дузду филдузд ҳам дузд.

Сӯзангӯлуи ҳаждаҳоршикам.

Сӯзани яккора нашав.

Суди хона, зарари чон.

*Сухан гарчӣ дилбанду ширин бувад,*
*Сазовори тасдиқу таҳсин бувад*

Сухан гувоҳи ҳоли гӯянда аст.

Сухани зишт зери хишт.

Сухани неку садои дилҳост.

Сухангирӣ бехи давлат.

*Сухандонон сухан бо парда гӯянд,*
*Ба рӯи ҳамдигар санҷида гӯянд.*

Сурататро чӣ кунам, ба ту набошад сират.

Султон омад аз Қошқар, аз чашм куру аз по шал.

Суфраро бача холӣ мекунад, каҳдонро гусола.

## Т

Табари мардумон зеркундааш санг.

Табақ омад сабақ бархест.

Табар бардошта зеркунда дам мегирад.

Тавонистан аз донистан аст.

Таом омад калом бархест.

Таги коса нимкоса.

Тақдир, ки расид, тадбир ба кор намеояд.

Талқон дар даҳону дамаш гир.

Тарбияи ҷисмонӣ-бақои ҷавонӣ.

Таҳ харобӣ, рӯ лушмак.

Тезии даравш дар сари даравш.

Тика дар торикӣ, лоф дар ғарибӣ.

Тире, ки аз камон баромад, барнамегардад.

Тифли домангири ман охир гиребонгир шуд.

То шамол нахезад, шохи дарахт намеҷунбад.

То оне, ки дам аст, ғам аст.

То бад накунӣ, зӣ бад маяндеш.

То кӯдак гиря накунад, модар сина намедиҳад.

То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст.

Тобистон бикӯшу зимистон бинӯш.

То кӯҳна нав шавад, кӯҳна ба кор ояд.

То набошад чуби тар, фармон наёбад гову хар.

То ранҷ накашӣ, санги сиёҳ лаъл нагардад.

То фанд набошад дар ин кор, думба чӣ кунад дар шудгор.

То ба чашмат набинӣ, ба гӯшат нашунавӣ, гапро бовар накун.

*То, ки ҳастӣ дар сари нону намак,*
*Як касе гӯяд тағову як касе гӯяд амак.*
*Баъди рафтан аз сари нону намак,*
*Не касе гӯяд тағову не касе гӯяд амак.*

Тоқати меҳмон надошт, хона ба меҳмон гузошт.

Туҳмат бадтар аз ҷодугарист.

## У

Узри гуноҳ бадтар аз гуноҳ аст.

Устод дар сабақ, таом дар табақ.

Усма қадрро баланд намекунад.

*Умрам бигузашт, умри дигар нест маро,*
*Бигзашт ҷавонию хабар нест маро,*
*Сайёди аҷал хайма задаст дар сари роҳ,*
*Ин роҳро гирифт, роҳи дигар нест маро.*

Умри одам қиммат асту лек дар бозор нест.

*Умр агар хуш гузарад, зиндагии Хизр кам аст,*
*Гар ки нохуш гузарад, ними нафас бисёр аст.*

## Ф

Фақирӣ айб нест.

*Фалак парвои пайғамбар надорад,*
*Фалак парвои симу зар надорад.*

Фалакро бубин бо ҳоли дурушт, гаҳе зинсавору гаҳе зин ба пушт.

Фарбегиро фақат гусфанд мебардорад.

*Фарзанд агарчи айбнок аст,*
*Дар назди падар зи айб пок аст.*

Фарзандро ба дил дӯст дор, на ба гуфтор.

Фарзанд пӯсту гушт, набера мағзу устухон.

*Фарзанди касон намекунад фарзандӣ,*
*Сад тавқи тилло ба гарданаш гар бандӣ.*
*Як тавқи заррин ба гардани хар бандӣ,*
*Ҳам бор кашаду ҳам кунад фарзандӣ.*

Фарзанди нек – боғи падар, фарзанди бад – доғи падар.

Фарзанди халаф диҳад муродам, ҳар нохалафе диҳад ба бодам.

Фиребатро ба худ бигӯ.

Фиребаш дар ҷайбаш.

Фикр пояи ақл аст.

Фонаи чуб аз танаи чуб.

Фоли бад – нишони бад, фоли нек -нишони нек.

Фурсатро ғанимат дон, вагарна пушаймон мешавӣ.

## Х

*Хар чӣ донад маззаи қанду набот,*
*Тубраи каҳ бошаду кунҷи работ.*

Хар ҳамон хару туқумаш дигар.

Хар агар Макка равад, боз ояд ҳамон хар.

Хар дар рег.

Харро то думаш пӯст карду монд.

Хар ба мурданаш бошад, бораш дар роҳ намемонад.

Хари мурда полонаш зарин.

Хар, ки пир шуд ирға мешавад.

Харбуза бихуру туро ба полез чӣ кор.

Хас каму ҷаҳон пок.

Хат ғалат, иншо ғалат, имло ғалат.

Хашгов барин мезанам, пахта барин мешукуфӣ.

Хешӣ ба ризову савдо ба мурод.

Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ, то ба охир меравад девор каҷ.

Хоб бародари марг аст.

Хоки ватан аз мулки Сулаймон хуштар.

Хоки қоқ ба девор намечаспад.

Хокистардони падарат инҷо набошад, чӣ лоф мезанӣ?

Хок дар он луқмае, ки танҳо хӯрӣ.

Хонаи гург бе устухон намешавад.

Хона бар дӯш, як бинию ду гӯш.

Хонаи бе сардор, бозори бедалол.

Хонаи бе хушдоман.

Хонашери майдонғариб.

Хондан – маърифат, нахондан – ҷаҳолат.

Хоҳони касе бош, ки хоҳони ту бошад.

Хоҳи, ки нашавӣ расво, ҳамроҳи ҷамоат бош.

Хоҳарзода суи холук.

Холаи ҳамакора, ҳамаи корҳош нимкола.

*Хор дар чашми касе, гар як нафас хорам кунад,*
*Зор мирад дар бало, ҳар кас, ки озорам кунад.*

Хубони ҷаҳон ҳарчӣ кунад хуб аст.

Хӯрдагиҳо пушаймон, нохӯрдаҳо дар армон.

Худозада бошу арвоҳзада не.

Хурус дар ҳамаҷо якхел бонг мезанад.

*Хушбахт касест, ки доду бихӯрд,*
*Шӯрбахт касест, ки надоду нахӯрд.*

Худо ба ҳама бидиҳаду аз мо фаромӯш накунад.

Худо дергиру сахтгир аст.

Худситоӣ пешаи шайтон бувад.

Худкардаро даво нест.

Худро мор барин дар офтоб петоб маяндоз.

Худро напшевон.

Худро ба нодонӣ назан.

Худро бармол наяндоз.

Худро ин қадар баланд нагир.

Хӯрдани бисёр роҳи аҷалро намегирад.

Хӯрдан барои сер шудан.

Хурди калонкор.

## Ҳ

Ҳавои ганда хуб мешаваду одами ганда хуб намешавад.

*Ҳазор аз баҳри май хӯрдан бувад ёр,*
*Якеро баҳри ғам хӯрдан нигаҳ дор.*

Ҳазор бор сокит монду як бор сухан ронд, ки он ҳам хилоф буд.

Ҳайфи атлас ба чалфас.

Ҳақ гуфтаму носазо шунидам.

Ҳама чиз садқаи сару сар садқаи номус.

Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад.

Ҳамроҳӣ то ду роҳӣ.

Ҳамсояи ту хуш хурад, ту хуш хоб равӣ.

Ҳамсоя даст соя (ҳамсоя сар соя).

Ҳамсоя аз ҳамсоя ранг мегирад.

Ҳамдарди мо касест, ки доғ аст бар дилаш.

Ҳамин соат ҳамин дам, дигаргун шавад ҳаволи одам.

*Ҳар кас, ки ҳалол хӯрд, шуд душмани ҳақ,*
*Ҳар кас, ки ҳаром хӯрд, Мавлоно шуд.*

Ҳарчанд хасам ба ту басам.

*Ҳар кас, ки надонист ҷои хар бастани хеш,*
*Ҳам гардани худ бандаду ҳам гардани хеш.*

Ҳар кас, ки ба хобӣ саҳарӣ дил бандад,
аз габри лаину хуки ҷангал бадтар аст.

Ҳар кас дар гӯри худ хоб мекунад.

Ҳар кӣ парид чарид, ҳар ки хоб кард, хоб дид.

Ҳар кӯҳна гадое, ки ба давлат бирасад,
сад сола шавад бӯи гадоиш наравад.

Ҳарчанд оби шӯр нӯшӣ, ташнатар шавӣ.

Ҳар саг дар пеши хонааш зӯр.

Ҳар кас бачаи падари худаш.

Ҳар кас оши худро чумча мезанад.

Ҳар кас ба хар (асп)-и худ савора аст.

Ҳар кас дар хонаи худ хоҷа аст.

Ҳар касе, ки ба аҷдоди худ такя кунад,
чун саг ба устухон дили худ шод кунад.

Ҳар кас, ки ҷафо кунад, ҷафо бинад боз.

Ҳар кас, ки зан надорад, оромии тан надорад.

Ҳар киро сабр нест, ҳиммат нест.

Ҳар ки бадӣ кард, ба бадӣ ёр шуд.

Ҳар ки бо хирадмандон нишинад, ақли ӯ афзун шавад.

Ҳар ки зар дорад, дар бар душман дорад.

Ҳар ки чӣ кунад ба худ кунад, ҳар чӣ бинад аз худ бинад.

Ҳар ки ҷаври омузгор набинад, ба ҷафои рӯзгор гирифтор шавад.

Ҳар он чӣ муфт ба дастояд, дер напояд.

Ҳарфи зишт – зери хишт.

Ҳарфи мард – зиннати мард.

Ҳарҷое, ки намак хӯрдӣ, намакдон машикан.

Ҳарҷо, ки санг, ба пои бузи ланг.

Ҳаркӣ хор кишт, ангур набардорад.

Ҳар кас нон аз амали хеш хӯрад.

Ҳезумаш тароша, ҷези занаш чӣ бошад.

Ҳеҷ зоғ бе доғ нест.

Ҳеҷ шинанда раванда нашудааст, ҳеҷ раванда шинанда.

Ҳеҷ хиёнат бадтар аз бевафоӣ нест.

Ҳирси дунё хирсро бе дум мекунад.

Ҳисоби хона ба бозор рост намеояд.

Ҳукми ҳоким – марги муфоҷот.

Ҳусн ҳусн нест, одоб ҳусн аст.

*Ҳунар беҳу ҳунар беҳу ҳунар беҳ,*
*Ҳунар аз мулку маъвои падар беҳ.*
*Ҳунар дорӣ, аммо толеъ надорӣ,*
*Ҷави толеъ зи хирвори ҳунар беҳ.*

## Ч

Чароғе, ки дар хона равост, дар масҷид ҳаром аст.

*Чароғеро ки Эзад барфурузад,*
*Касе гар пуф кунад, ришаш бисузад.*

Чароғи муфлисон нуре надорад.

Чашми муру пои мору нони мулло кас надид.

Чашми бад сангро мекафонад.

Чизе мадеҳ дарвешро, чизе нагу дарвешро.

Чизе, ки дар вайрона дидӣ, дар ободӣ магӯ.

Чизе, ки дар дег аст, дар кафлес мебарояд.

Чиз аз пайи ҷон аст, на ҷон аз пайи чиз.

Чизатро сахт бигиру ҳамсоятро дузд нагир.

Чизи мардумон зебанда, бикашанду бигиранд шарманда.

Чӣ донад кури модарзод, қадри чашми биноро.

Чӣ гӯям, ки аз гуфтанам ногуфтанам беҳ аст.

Чӣ гӯям, ба кӣ гӯям.

Чил калу чил калбача, сари ҳар кал яки чумча.

Чоҳкан зери чоҳ.

*Чу гуфтори беҳуда бисёр шуд,*
*Сухангуй дар анҷуман хор шуд.*

Чу нармӣ кунӣ, хасм гардад далер.

Чун душманро дар банд дидӣ, амонаш мадеҳ.

Чун кор аз даст рафт, фарёд чӣ суд.

Чун таҳорат набувад, Каъбаву бутхона якест.

Чупон хоини гург аст.

## Ҷ

Ҷавоне, ки беадаб бошад, гар ба пирӣ расад аҷаб бошад.

Ҷавонӣ рӯз ба рӯз, пирӣ як рӯз.

Ҷавоби ҷоҳилон – хомӯшӣ.

Ҷавонию тавоноӣ, пириву нотавонӣ.

Ҷанги хона аз бе нонӣ.

Ҷанҷоли замин, дар сари замин.

Ҷаҳли гадо, зарари гадо.

Ҷақ-ҷаққҳо болои бому хапакҳо коршон тамом.

Ҷигар ҷигару дигар дигар.

Ҷони нодон дар азоб.

Ҷон дар тани тандурусту бемор якест.

Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд.

Ҷомаро ба андозаи қадат бибур.

Ҷоҳили бадандеш, ҳарҷо мезанад неш.

Ҷоруби нав тоза мерубад.

Ҷое, ки таҕо аст, амак ҳоҷат нест.

Ҷои гул гул бошу ҷои хор – хор.

Ҷӯянда ёбанда аст.

## Ш

Шабро болишт мебардорад.

Шабе дар миёну Худои корсоз.

Шакли зоҳир аз ботин дарак медиҳад.

Шанбе зи худ кам макун, якшанбе зи моли худ.

Шахси бе ватан булбули бе чаман.

Шаҳри якчашма равӣ, якчашма шав.

Шафтолуи пажмурдаро ҷӣ ҳоҷати хӯрдан

Шараф ба камол аст, на ба мол.

Шараф ба ақл аст, на ба сол.

Шарафи одам ба ақл аст, на ба насаб.

Шарбати бемор об аст.

Шеваи ҷавонмардон ба ваъда вафо кардан аст.

Шер ё рубоҳ?

Шерону ҳарифонро надодам гардан.

Шитобандагӣ кори шайтон бувад.

Шинанда барои раванда.

Шикаста устухон донад баҳои мумиёро.

Шиками сер чӣ парвои шиками гурусна дорад.

Шиками серро бақое нест, бадтар аз гуруснагӣ балое нест.

Шикамсери чашмгурусна.

Шояд, ки ба ҷӯйи рафта боз ояд об.

Шоҳон тахт мехоҳанд, бахт не.

*Шукр гӯӣ, давлатат афзун шавад,*
*В-ар нагӯӣ, аз кафат берун шавад.*

Шунидан кай бувад монанди дидан.

Шутурро бо чумча об додан.

Шутурро пурсиданд: хок мехӯрӣ? Гуфт: намак дорад?

Шутурро пурсиданд: рӯболой хуб ё калапой?
Гуфт: дидори ҳардуяш да гур.

Шутурро чию полезкорӣ.

Шутур каҷии худро намебинаду ба дигарон каҷ мегӯяд.

Шутурро дидӣ? Надидам.

Шутурмурғ – на шутуру на мурғ.

Шуд обӣ, нашуд лалмӣ.

## Э

Эй хок чӣ медонӣ, ки чӣ дар бар дорӣ?

Эй дуст ба ҷанозаи душман бигузарӣ, хурсанд машав,
ин рӯз ба ту моҷаро шавад.

Эй нокардакор, туро ба ин кор чӣ кор?

Эй дар ба ту мегӯм, девор ту бишунав.

Элчиро завол нест.

Эҳтиёт – ними ҳаёт.

Эчаи шағол бе устухон нест.

*Эй зоғ, дар ин боғ тамошо чӣ мекунӣ?*
*Дунё сарои фонист, ғавғо чӣ мекунӣ?*
*Гул рафт, ғунча рафт, чаман баргрез шуд,*
*Мо низ меравем, ту танҳо чӣ мекунӣ?*

## Я

Як гап задам дар мастӣ, ту уро кинҷға бастӣ.

Як чашмат ба ману яке ба говон, говдушат шикаст ба ман чӣ товон?

Як рӯзи баҳор пур кунад анбор.

Яке ба доно дар мемониву яке ба нодон.

Яке аз мастӣ, яке аз пастӣ.

Якто ба ман хешу даҳто ба хешони ман хеш.

Як бор дидан ҳавас аст, дар орзуи дубора дидан бисёр кас аст.

Як бор ҷасти малахак, ду бор ҷасти малахак, охир ба дасти малахак.

Як бузи хоришин, ҳамаи рамаро хоришин мекунад.

Яки кам аст, дуто ғам аст, сето хотири ҷамъ.

Як гап шасту чаҳор паҳлу дорад.

Як ман илм, даҳ ман ақл.

Як тиру ду нахчир.

Як дар баста, сад дар кушода.

Як рӯз бошу хӯрус бош.

Як сару ҳазор савдо.

Яке омад, яке рафт, куҷо Сулаймон, куҷо тахт?

Як осмону панҷ маҳтоб.

Яфтал нон тал.

## ПАНДИ БУЗУРГОН

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар куру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

***

Замона панде озодвор дод маро,
Замона чун нигарӣ, сар ба сар ҳама панд аст.
Ба рузи неки касон, гуфт, ғам махур зинҳор,
Басо касо, ки ба рузи ту орзуманд аст.
Замона гуфт маро, хашми хеш дор нигоҳ,
Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст.

***

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар у нигарӣ.
Ҳамчу дарёст, в-аз накукорӣ,
Киштие соз, то бад-он гузарӣ.

*Рудакӣ*

***

Агар ду бародар ниҳад пушт ба пушт,
Тани кухро хок молад ба пушт.

Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чу ними кирдор нест.

Чу некӣ кунад кас, ту подош кун,
В-агар бад кунад, низ пархош кун.

Ба ранҷ андар аст, ай хирадманд, ганҷ,
Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ.

Ҷавонмардию ростӣ пеша кун,
Ҳама некуӣ андар андеша кун.

Бибахшу бихур, то тавонӣ дирам,
Ки ҷуз ин дигар дард асту ғам.

Ба ҳар кор дар пеша кун ростӣ,
Чу хоҳӣ, ки нагзоядат костӣ.

Макун дустӣ бо дуруғозмой,
Ҳамон низ бо марди нопокрой.

Зи гетӣ ду чиз аст ҷовиду бас,
Дигар ҳар чӣ бошад, намонад ба кас.

Сухан гуфтани нағзу кирдори нек,
Нагардад куҳан, то ҷаҳон асту рег.

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,
Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек.

Касе, к-у ҷаҳонро бувад хостор,
Варо дониш ояд, на гавҳар ба кор.

Ҳунармандро шоду наздик дор,
Ҷаҳон бар бадандеш торик дор.

Чу дӣ рафту фардо наёмад ба пеш,
Мадеҳ хира барбод авқоти хеш.

Хирадмандиву пешбинӣ кунӣ,
Тавоноиву покдинӣ кунӣ.

Мар онро, ки дониш бувад, туша бурд,
Бимирад танаш, ном ҳаргиз намурд.

Ҳама сар ба сар дасти некӣ баред,
Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад миспаред.

Бимонад дуто ҷовидон як гуҳар,
Ҳунармандию донишу додгар.

Набошад касе дар ҷаҳон пойдор,
Ҳама номи неку бувад ёдгор.

Ба нопокзода мадоред умед,
Ки зангӣ нагардад ба шустан сапед.

Зи бадасл чашми беҳӣ доштан,
Бувад хок дар дида анбоштан.

Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,
Кунад ошкоро бар-у бар ниҳон.

Гар у бифканад фарру номи падар,
Ту бегона хонаш, махонаш писар.

Ту чандон ки бошӣ, сухангуй бош,
Хирадманд бошу ҷаҳонҷуй бош.

Нигар, то чи корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чӣ гуӣ, ҳамон бишнавӣ.

Хирад мояи ҷовидонӣ бувад,
Хирад пояи зиндагонӣ бувад.

Мабошед густох бо ин ҷаҳон,
Ки у тирагӣ дорад андар ниҳон.

Ҷаҳон ёдгор асту мо рафтанӣ,
Ба мардум намонад ба ҷуз мардумӣ.

Ба анбарфурушон агар бигзарӣ,
Шавад ҷомаи ту ҳама анбарӣ.

В-агар бигзарӣ суи ангиштгар,
Аз у ҷуз сиёҳӣ наёбӣ асар.

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.

Ниёгони мо номдорон буданд,
Ба даҳр андарун тоҷдорон буданд.

Набардоштанд аз касе саркашӣ,
Ба тезиву тундиву бедонишӣ.

Маёзор муре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст.

Чу паймони озодагон бишканӣ,
Нишони бузургӣ ба по афканӣ.

Надонӣ, ки мардони паймоншикан,
Сутуда набошанд дар анҷуман.

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кушиш, ҳама дасти некӣ барем.

Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

***

Ҳар он к-у гузашт аз раҳӣ мардумӣ,
Зи девон шумар, машмараш одамӣ.

***

Ҷаҳонро бисозед ҳамчун биҳишт,
Магуед харгиз суханҳои зишт.
Хама як ба як меҳрубонӣ кунед,
Ҷаҳонро ҳама посбонӣ кунед.
Бигуед ин ҷумла, дар гуш бод,
Ки як тан ба гетӣ парешон мабод.

***

Фаридуни фаррух фаришта набуд,
Зи мушку зи анбар сиришта набуд.
Ба доду деҳиш ёфт он некуӣ,
Ту доду деҳиш кун, Фаридун туӣ.

*Фирдавсӣ*

***

Ай нафс, ки бастаи ҳавову нафасӣ,
Биштоб, ки дар ҳимояти як нафасӣ.
Дунё маталаб, ҷоҳ маҷуй, ишва махар,
К-аз дуст бароиву ба душман бирасӣ.

***

З-он пеш, ки аз ҷаҳон фуру монӣ фард,
Он беҳ, ки набоядат пушаймонӣ хурд.
Имруз бикун, чу метавонӣ коре,
Фардо чӣ кунӣ, ки ҳеҷ натвонӣ кард.

***

Бо ҳар хасе зи руи ҳаво дустӣ мадор,
Бо ҳар касе зи содадилӣ рози худ магуй.
Бо мардуми музаввири бадасли бадгуҳар,
Дар куи мардумӣ зи паи дустӣ мапуй.

Гар боядат, ки кам нашавад обруи ту,
Фармону ихтилоти фурумоягон маҷуй.
Дар обруй куш, азеро ки оби руй,
Чун кам шавад, бад-у напазиранд обруй.

*Абуалӣ Сино*

Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накухоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.

Ту гар тавфиқ дорӣ, ҳам бар он бош,
Накухоҳу ба кас роҳатрасон бош.

Ба лутфу марҳамат дилҳо нигаҳ дор,
Кас аз дасту забони худ маёзор!

Ба корафтода коромуз мебош,
Ба ҳар дилсухта дилсуз мебош.

Илоҷи дардмандон кун ба ҳар дард,
Ки ҳар кас, к-у ҷароҳат кард, бад кард.

Чу марҳам хастаро роҳатрасон бош,
Ба сахтӣ чораи бечорагон бош.

Бипӯй андар ҷавонӣ роҳи Яздон,
Ҷавон беҳтар Худотарсу Худодон.

Ба пирӣ хидмати модар, падар кун,
Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун.

Ки парвардаст модар дар канорат,
Падар буд солҳо тимордорат.

Мазан таъна бар эшон аз дили сер,
Ки гар ёбӣ замон, гардӣ ту ҳам пир.

Биҷу дилшон ба хулқу хубруӣ,
Ки ин аст, эй бародар, некхуӣ.

***

Дило, пандам ниюшу дил дар у банд,
Зи ту тавба, зи пирони куҳан панд.

Азизо, гар ба худ хорӣ нахоҳӣ,
Макун коре, ки боз орад табоҳӣ.

Макун коре, ки аз нангу надомат,
Сияҳруӣ кашӣ андар қиёмат.

Макун аз ҳоли мискинон фаромуш,
Чу дорӣ мояе дар донишу ҳуш.

Даруни мустамандон шод медор,
Зи рузи даргузаштан ёд медор.

Чу дар некӣ ризои кирдигор аст,
Беҳ аз некӣ назар кун, то чӣ кор аст.

Чу аз суҳбат бувад дар нафс таъсир,
Ба суҳбат дустони пурхирад гир.

Дилатро рост кун, гар росткорӣ,
Ки аст аз росткорӣ растагорӣ.

Фузун хоҳӣ бақо, дилҳо маёзор,
Ки доим дар амон бошад камозор.

Зи омузанда панди нек баргир.
Зи некӣ гар бадат ояд, маро гир.

Ба ёди Ҳақ таъоло бош хушнуд,
Ки хушнудӣ ризо ҳосил кунад зуд.

Мабар бар кас ҳасад гар молдор аст,
Ки ту дар ранҷиву у шодкор аст.

Ҳамеша некхоҳи мардумон бош,
Ба некӣ кушу он гаҳ дар асмон бош.

Чу бад хоҳӣ ба кас, аз ғам бикоҳӣ,
Набинӣ ҳеҷ бад, гар некхоҳӣ.

Дилатро бо мурувват муттафақ кун,
В-агар хайре кунӣ бо мустаҳақ кун.

Мадад деҳ, то ки Ҳақ ёри ту бошад,
Ҳама олам мададгори ту бошад.

***

Чу хоҳӣ кард бо кас душманӣ соз,
Маяфкан дустӣ бо у зи оғоз.

Фикандан дустӣ бо кас салим аст,
Вафо бурдан ба сар кори азим аст.

Маранҷон кас, махоҳаш узр аз он пас,
Ки бадкорӣ бувад ранҷондани кас.

Макун қасди ҷафо, гар бовафоӣ,
Зи сагтабъӣ бувад гургошноӣ.

Чу ранҷонидани кас ҳаст осон,
Ба даст оварданаш набвад бад-он сон.

Дари ганҷи маишат созгорист,
Калиди боби ҷаннат бурдборист.

Зи тавфиқу калиди бериёӣ,
Ҳама дарҳои давлат баркушоӣ.

Чу натвонӣ илоҷи дарди кас кард,
Маяфзой аз ҷафояш дард бар дард.

Синони ҷавр бар дилреш кам зан,
Чу марҳам менасозӣ, неш кам зан.

Зи мардум зодаӣ, бо мардумӣ бош,
Набояд дев будан, одамӣ бош.

***

Макун бар кас ба симу зар тафохур,
Ба бахшиш кун, ки то дастат шавад пур.

Бидеҳ, чун дод неъмат кирдигорат,
Ки надҳат баҳри ту меросхорат.

Ба Яздон деҳ, чу дар бахшиш шитобӣ,
Ба Яздон ҳарчӣ бидҳӣ, боз ёбӣ.

Баровар ҳоҷати дарвеши дилреш,
Битарс аз рузи ҳоҷатмандии хеш.

Ҷавонмардӣ саодатро далел аст,
Зи ҳар кас ин сифат н-ояд бахил аст.

Сахитабъ эмин аст аз дузаху нор,
Бахил андар сақар гардад гирифтор.

Сазад, дар хона гар ноне надорӣ,
Ки дар бандӣ, ба меҳмон вогузорӣ.

Махур ғам баҳри ризқу рузии у,
Ки бо ҳар кас равон аст рузии у.

Ба тобистон бидеҳаш кузаи об,
Зимистон оташеву мавзеи хоб.

*Носири Хусрав*

***

Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,
Ҳар ҷо, ки равӣ азизу маҳрам бошӣ.
Покиза шаву рост бизӣ, илм омуз,
То тоҷи наберагони Одам бошӣ.

***

То дар талаби гавҳари конӣ, конӣ,
То дар ҳаваси луқмаи нонӣ, нонӣ.
Ин нуктаи рамз агар бидонӣ, донӣ,
Ҳар чиз, ки дар ҷустани онӣ, онӣ.

***

Бедор шав, эй дил, ки ҷаҳон мегузарад,
В-ин мояи умр ройгон мегузарад.
Дар манзили тан махуспу ғофил манишин,
К-аз манзили умр корвон мегузарад.

***

Бешае омад вуҷуди одамӣ,
Бар ҳазар шав з-ин вуҷуд, ар з-он дамӣ.
Дар вуҷуди мо ҳазорон гургу хук,
Солеҳу носолеҳу хубу хашук.
Ҳукм он хурост, к-он ғолибтар аст,
Чунки зар беш аз мис омад, он зар аст.
Сирате, к-он дар вуҷудат ғолиб аст,
Ҳам бар он тасвир ҳашрат воҷиб аст.
Соате гурге дарояд дар башар,
Соате Юсуфрухе ҳамчун қамар.
Меравад аз синаҳо дар синаҳо,
Аз раҳи пинҳон салоҳу кинаҳо
Балки худ аз одамӣ дар гову хар,
Меравад доноиву илму ҳунар.
Аспи суксук мешавад раҳвору ром,
Хирс бозӣ мекунад, буз ҳам салом.
Рафт андар саг з-одамён ҳавас,
То шубон шуд, ё шикорӣ, ё ҳарас.
Дар саги асҳоб хуе з-он руқуд,
Рафт, то ҷуёи Аллоҳ гашта буд.

***

Одамӣ махфист дар зери забон,
Ин забон пардаст бар даргоҳи ҷон.

***

Маърифат ширест дар пистони ҷон,
Бе макидан худ намегардад равон.

*Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ*

*Адабномаи Шамси Табрезӣ*

Хоҷа дарёб, ки ҷон дар тани инсон адаб аст,
Хоҷа анвори дилу дидаи мардон адаб аст.

Пеши арбоби хирад, мояи имон адаб аст,
Лоҷарам пешаи мардони сухандон адаб аст.

Одам аз олами улвист на суфлӣ, дарёб,
Равнақи гардиши ин гунбази гардон адаб аст.

Гар ту хоҳӣ, ки қадам бар сари Иблис ниҳӣ,
Дида бикшову бубин, қотили шайтон адаб аст.

Беадабро ба самовоти бақо манзил нест,
Дар самовоти бақо манзили мардон адаб аст.

Беадабро набувад дархури султон чизе,
Нек бингар, ба яқин дархури султон адаб аст.

Домани ақлу адаб гир, ки дар роҳи яқин,
Бар сари ганҷи вуҷуди ту нигаҳбон адаб аст.

Сар макаш аз хати фармони нигаҳбон, аҷабо
З-он, ки мақсуди Худованд зи инсон адаб аст.

Гар ҳавои шарафи сояи Яздон дорӣ,
Ба ҳақиқат шарафи сояи Яздон адаб аст.

Раҳравоне, ки ба мақсуд расиданд ба ком,
Ҳамдаму ҳамнафасу муниси эшон адаб аст.

Дар раҳи Ҳазрати бечун, ба адаб бояд рафт,
Шаби меъроҷи Расулиллаҳи бурҳон адаб аст.

Талаби ҳикмати Юнон ба адаб кун бино,
Ки муроди талаби ҳикмати Юнон адаб аст.

Одамизода агар беадаб аст, инсон нест,
Фарқ мобайни бани одаму ҳайвон адаб аст.

Ҳамчу инсон ба адаб бош, на чу ҳайвон ба алаф,
Ҳирси ҳайвон алафу ҷустани инсон адаб аст.

Кардам аз ақл суоле, ки бигу имон чист?
Ақл дар гуши дилам гуфт, ки имон адаб аст.

Чашм бикшову бубин ҷумла Каломуллоҳро,
Оят-оят ҳамагӣ маънии Қуръон адаб аст.

Оқибат ҳар чӣ кунад хоҷа, пушаймон гардад,
Он ки аз вай нашавад ҳеҷ пушаймон адаб аст.

Чанд рузе, ки дар ин хонаи тан меҳмонӣ,
Боадаб бош, ки хосияти меҳмон адаб аст.

Зоғи шабранг, ки дар беадабӣ машҳур аст,
Нағмапардозии мурғони саҳархон адаб аст.

Шамси Табрез, туӣ воқифи сирри малакут,
Анвари фарри ҳама шамъи шабистон адаб аст.

***

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият.

Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,
Чӣ миёни нақши девору миёни одамият.

Хӯру хобу хашму шаҳват, шағаб асту ҷаҳлу зулмат,
Ҳаявон хабар надорад зи ҷаҳони одамият.

Ба ҳақиқат одамӣ бош, вагарна мурғ бошад,
Ки ҳамин сухан бигӯяд ба забони одамият.

Магар одамӣ набудӣ, ки асири дев мондӣ?
Ки фаришта раҳ надорад ба макони одамият.

Агар ин дарандахӯӣ зи табиатат бимирад,
Ҳама умр зинда бошӣ ба равони одамият.
Расад одамӣ ба ҷое, ки ба ҷуз Худо набинад,
Бинигар, ки то чӣ ҳад аст макони одамият.

Таярони мурғ дидӣ ту зи пойбанди шаҳват
Бадар ой, то бубинӣ таярони одамият!

На баёни фазл кардам, ки насиҳати ту гуфтам,
Ҳам аз одамӣ шунидем баёни одамият.

***

Айюҳаннос, ҷаҳон ҷои таносонӣ нест,
Марди доно ба ҷаҳон доштан арзонӣ нест.

Хуфтагонро чӣ хабар замзамаи мурғи саҳар,
Ҳаявонро хабар аз олами инсонӣ нест.

Доруи тарбият аз пири тариқат биситон,
К-одамиро батар аз иллати нодонӣ нест.

Руй агарчанд паричеҳраву зебо бошад,
Натавон дид дар оина, ки нуронӣ нест.

Шаби мардони Худо рузи ҷаҳонафруз аст,
Равшанонро ба ҳақиқат шаби зулмонӣ нест.

Панҷаи дев ба бозуи ризоят бишикан,
К-ин ба сарпанҷагии зоҳири ҷисмонӣ нест.

Тоъат он нест, ки бар хок ниҳӣ пешонӣ,
Сидқ пеш ор, ки ихлос ба пешонӣ нест.

Ҳазар аз пайравии нафс, ки дар роҳи Худой,
Мардумафгантар аз ин ғули биёбонӣ нест.

Олиму обиду суфӣ ҳама тифлони раҳанд,
Мард агар ҳаст ба ҷуз орифи раббонӣ нест.

Бо ту тарсам накунад шоҳиди рӯҳонӣ рӯй,
К-илтимоси ту ба ҷуз роҳати нафсонӣ нест.

Хона пургандуму як ҷав нафиристода ба гӯр,
Барги маргат чу ғами барги зимистонӣ нест.

Бибарӣ моли мусулмону чу молат бибаранд,
Бонгу фарёд барорӣ, ки мусулмонӣ нест.

Охире нест таманнои сару сомонро,
Сару сомон беҳ аз бесару сомонӣ нест.

Он кас аз дузд битарсад, ки матоъе дорад,
Орифон ҷамъ бикарданду парешонӣ нест.

В-он киро хайма ба саҳрои фароғат задаанд,
Гар ҷаҳон зилзила гирад, ғами вайронӣ нест.

Як насиҳат зи сари сидқ ҷаҳоне арзад,
Машнав ар дар суханам фоида дуҷҳонӣ нест.

Ҳосили умр талаф кардаву айём ба лағв,
Гузаронида, ба ҷуз ҳайфу пушаймонӣ нест.

Саъдиё, гарчи сухандону масолеҳ гуӣ,
Ба амал кор бarояд, ба сухандонӣ нест.

То ба хирман бирасад кишти умеде, ки туност,
Чораи кор ба ҷуз дидаи боронӣ нест.

Гар гадой кунӣ, аз даргаҳи ӯ кун боре,
Ки гадоёни дарашро сари султонӣ нест.

Ё Раб, аз нест ба ҳаст омадаи сунъи туем,
В-он чӣ ҳаст, аз назари илми ту пинҳонӣ нест.

Гар бирониву гарам бандаи мухлис хонӣ,
Руи навмедиям аз Ҳазрати султонӣ нест.

Ноумед аз дари лутфи ту куҷо шояд рафт?
Ту бибахшой, ки даргоҳи туро сонӣ нест.

Дасти ҳасрат газӣ, гар як дирамат фавт шавад,
Ҳеҷат аз умри талафкарда пушаймонӣ нест.

***

Адаб тоҷест, аз нури илоҳӣ,
Бинеҳ бар сар, бирав, ҳар ҷо ки хоҳӣ.
Агар дорӣ адаб, болот хонанд,
Адаб гар нест, аз даргаҳ биронанд.
Ки у Хизри раҳи иқболу ҷоҳ аст,
Бар у ранги саодат подшоҳ аст.

***

Одамиро одамият лозум аст,
Удро гар бу набошад ҳезум аст.

***

Эй ғарра ба раҳмати Худованд,
Аз раҳмати у касе чӣ гуяд?
Ҳарчанд муассир аст борон,
То дона наяфканӣ, наруяд.

*Шайх Саъдӣ*

***

Дарахти дустӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

***

Хоҳӣ, ки сусту сахти ҷаҳон бар ту бигзарад,
Бигзар зи аҳди сусту суханҳои сахти хеш.

***

Май бихур, мусҳаф бисузу оташ андар Каъба зан,
Сокини бутхона бошу мардумозорӣ макун.

***

Мабош дар паи озору ҳарчи хоҳӣ кун,
Ки дар шариати мо ғайр аз ин гуноҳе нест.

***

Деҳқони солхурда чӣ хуш гуфт бо писар,
К-эй нури чашми ман, ба ҷуз аз кишта надравӣ.

*Хоҷа Ҳофиз*

***

Ҳунар омуз, к-аз ҳунармандӣ,
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.
Ҳар ки аз омухтан надорад нанг,
Дурр барорад зи обу лаъл аз санг.
В-он, ки дониш набошадаш рузӣ,
Нанг дорад зи донишомузӣ.
Ай басо тезтабъи коҳилкуш,
Ки шуд аз коҳилӣ сафолфуруш.
В-ай басо курдил, ки аз таълим,
Гашт қозиулқуззоти ҳафт иқлим.

*Низомӣ*

***

Нахуст аз илму дониш баҳравар шав,
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав.
Ба кор ор илме, ки омухтӣ,
Макуш машъалеро, ки афрухтӣ.
Илм чу донӣ, зи амал сар мапеч,
Дониши бекор наярзад ба ҳеҷ.

***

Дар ҳунар куш, ки зар чизе нест,
Ганҷу зар пеши ҳунар чизе нест.
Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадри ҳунар аст.

***

Мазан пушти по бахти фирузро,
Ба қисмат се кун ҳар шабонрузро.
Якеро ба таҳсили дониш гузор,
Ки бедонишӣ нест ҷуз айбу ор,
Ба дониш шав андар дувум коргар,
Савумро ба бедонишон бар ба сар.

***

Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,
Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ, арзон аст.
Аз беадабӣ касе ба мақсад нарасид,
Зеро ки адаб тоҷи сари мардон аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

## МУРАТТИБОН



**Давлатмамадов Ширинбек**

(15.03.1939)

– ходими шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти меҳнатиро ҳамчун духтури ҷарроҳи умумӣ ва ҷонишини сардухтури бемористони ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (1964–1972) оғоз кардааст. Духтури ҷарроҳи умумии дараҷаи олии бемористони вилоятии шаҳри Хоруғ (1972–1982), ҷонишини сардухтур оид ба корҳои муолиҷавӣ ва ташкилӣ-методӣ, ҳамзамон ҷарроҳи бемористони вилоятӣ (1983–1992), сардухтури шифохонаи обии Авҷ (1992–2005), духтури шикастабанди бемористони марказии ноҳияи Ишкошим (2006–2010) будааст. Аз соли 2010 то 2023 роҳбари созмони ҷамъиятии «Гулу гиёҳ» дар ноҳияи Ишкошим мебошад. Хатмкардаи ординатураи клиникӣ дар бахши ҷарроҳии умумӣ ва курси такмили ихтисос оид ба шикастабандии Донишгоҳи тиббии ба номи Абуалӣ ибни Сино (1965-1969), пажӯҳишгоҳи такмили ихтисоси духтурони шаҳри Тбилиссии Гурҷистон оид ба бемориҳои рагҳои хунгузар (1979), курси такмили ихтисоси Пажӯҳишгоҳи марказии Ордени Лениндори духтурони шаҳри Маскав дар бахши бемориҳои сухта (1980) ва омори тиббӣ (1984), пажӯҳишгоҳи такмили ихтисоси духтурони шаҳри Қазони Тотористон оид ба ҷарроҳии фаврӣ (1989) мебошад.

Давлатмамадов Ширинбек муаллифи китобҳои «Лечебные минеральные источники Памира»(1994), «Чашмаҳои дармонбахши Бадахшон» (2006), «Набототи дармонбахши Бадахшон ва истифодабарии онҳо» (2012), «Гилдармонӣ»(2014), «Табобат бо асал ва маводи занбурпарварӣ» (2014), «Тақвими ҷамъоварии набототи дармонбахши Бадахшон» (2015), «Дастурамали гиёҳпизишк» (2017), «Гиёҳномаи Бадахшон» (2018), «Таомномаи миллии Бадахшон» (2017), «Донишномаи тибби мардумӣ» (2020); маъсули тарҳи ҷамъоварӣ ва нашри китобҳои «Ремуздлфтук (Тулӯи офтоб)» (2013),

«Ганҷинаи Ғоронзамин» (2014), «Вух диёр ганҷ. Ганҷи Вахонзамин» (2015), «Ҳик расмиш (Расму русуми Вахонзамин)» (2015) ва нашри нави китоби нодири «Ишкашимский язык» (Т.Н. Пахалина, 2017) мебошад. Ғайр аз ин зиёда аз 20 мақолаи илмиро дар соҳаҳои ҷарроҳӣ ва гармобашиносӣ дар маҷаллаҳои «Здравоохранение Таджикистана», «Клиническая хирургия» (Киев), «Морфология» (Новосибирск), «Академические записки» (Маскав) ба нашр расонидааст.

Роҳбарияти кишвар хидматҳои шоёни духтур Ширинбек Давлатмамадовро ба инобат гирифта, ӯро бо «Ордени Байрақи Сурхи меҳнат» (1986), медали «Собиқадори меҳнат» (1989), «Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2002), «Аълочии нигоҳдории тандурустии ИҶШС» (1979), ду карат «Аълочии ҳифозати санитарии ИҶШС» (1973, 1978), ду карат «Аълочии артиши сарҳадии ИҶШС» қадрдонӣ кардааст. Дорандаи медали «Гиппократ»-и Академияи илмҳои мардумии Русия» (2013), медали «За труд во имя жизни» (2015), медали «За добросовестный труд» (2019) буда, аъзои Анҷумани байналмилалии нависандагон ва табибон (2018) мебошад. 23 сентябри соли 2023 духтур Ширинбек Давлатмамадов ба унвони Профессори фахрии Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи М.Назаршоев сарфароз гардид.



**Фарҳодов Мавлодод**

(20.11.1939)

муаллими дараҷаи олӣ, хатмкардаи Донишгоҳи омузгории шаҳри Душанбе (соли 1963) мебошад. Дар давоми фаъолияти меҳнатӣ, дар вазифаи пурмасъули директори мактаби № 28 дар Шанбедеҳ, мактаби № 32 дар Андароб (1965–1966) ва мактаби миёнаи ба номи И.Исмоилов (1966–1970) дар ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшони Тоҷикистон адои хидмат намудааст. Дар муддати чор сол (1970–1974) ба вазифаи мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ишкошим таъин шуда кор кардааст. Сипас дар тули солҳои 1974–1990 дар вазифаи муаллим ва директори мактаби миёнаи № 32 дар деҳаи Андароб ва дар тули солҳои 1990-2000 ди-

ректори мактаби № 31 дар деҳаи Кухи Лаъли ноҳияи Ишкошим фаъолияти пурсамарашро давом додааст. Аз соли 2000 ба нафақа баромада то соли 2008 кори пурбаракати муаллимӣ ва таълиму тарбияи насли наврас ва машварату дастгирии муаллимони ҷавонро дар мактаби миёнаи № 31 давом додааст.

Барои фаъолияти пурсамари меҳнатӣ муаллим Фарҳодов Мавлодод бо як қатор мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ шудааст: медали хотиравӣ ба муносибати зодрузи И. Сталин; медал барои «Хидмати шоён»; Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Медали «Ветерани меҳнат»; унвони «Муаллими методист»; унвони «Муаллими дараҷаи олӣ»; Ордени «Дустӣ»; пешниҳод барои унвони «Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон». Соҳиби зиёда аз 20 адад ифтихорнома аз Вазорати маориф, Ҳукумати вилоят, Ҳукумати ноҳия ва идораву муассисаҳои гуногун мебошад.

Муаллим Фарҳодов Мавлодод вакили Анҷумани съезди XXI-и Ҳизби коммунистии Тоҷикистон буда, дар он суханронӣ кардааст. Иштирок ва баромад дар Сессияи Совети Олии РСС Тоҷикистон (1972), дар як зумра ҷаласаҳо ва конфронсҳои ҷумҳуриявӣ. Ба ҳайси аъзои ҳизби коммунистӣ, аъзои ҳукумати ноҳиявӣ ва вакили мардумӣ интихоб шуда, адои хизмат кардааст. Алъон бо фарзандону наберагон ба соҳаи боғдорӣ, сабзавоткорӣ ва занбуриасалпарварӣ машғул мебошад.



**Ҷалолова Хадича**

(10.11.1947)

баъди хатми Омузишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе (1962–1965) дар бемористони ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон ба ҳайси момодоя (1965–1967) кор кардааст. Сипас, дар маркази саломатии Донишгоҳи Хоҷагии қишлоқ ба ҳайси ҳамшираи шафқат (1967–1969), дар бемористони ноҳияи Ишкошим дар вазифаи момодояи дорои категорияи якум (1969–1972), дар бемористони вилоятии шаҳри Хоруғ дар шӯъбаи омори тиббӣ, шӯъбаи ёрии таъҷилӣ, утоқи муоинавии занони Дармонгоҳи шаҳри Хоруғ (1972–1993), дар шифохонаи Авҷ дар вазифаи ҳамшираи шафқати калон ва ҳамшираи утоқи физи-

отерапевтӣ (1993–2004) фаъолияти пурсамарашро давом додааст. Ҳангоми фаъолияти меҳнатӣ, ба кори тадқиқотӣ низ машғул шуда, муаллифи як қатор мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаи «Фельдшер и акушерка» будааст.

Ҷалолова Хадича муаллифи китоби «Мавҷу авҷи зиндагӣ» (2014), «Қиссаҳои зиндагӣ» (2020), «Шкошм усовдон» (2022), сармуаллифи китоби «Таомномаи миллии Бадахшон» (2017), ҳаммуаллифи китобҳои «Ремуздлфтӯ̊к» (2013), «Ганҷинаи Ғоронзамин» (2014), «Дастурамали гиёҳпизишк» (2017), «Гиёҳномаи Бадахшон» (2018) ва «Донишномаи тибби мардумӣ» (2020) мебошад.

Ҷалолова Хадича бо медали «Собиқадори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1989) ва нишонаи сарисинагии Академияи илмҳои мардумии Русия (2013) қадрдонӣ шудааст.

*Ширинбек Давлатмамадов*
*Мавлодод Фарҳодов*
*Хадича Ҷалолова*

**Пандномаи мардумии Бадахшон**

Тарроҳ ва ҳуруфчин: *Аида Тостокова*

Андоза 60x84 1/8. Ҳаҷм 9,5 п. л.
Коғази навъи офсетӣ. Нашри офсетӣ.
Гарнитура: Cambria.

---

Бахши Мероси фарҳангӣ ва гуманитарӣ
Донишгоҳи Осиёи Марказӣ
2024